Камоли одамӣ дар илм бошад

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД

№ 9
(242) 28 ноябри
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

МУЛОҚОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН ДАР ДУШАНБЕ

20 ноябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин мулоқот намуданд.

Дар мулоқот доираи васеи масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ гардид.

Нахуст Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳтарам Владимир Путинро ба Тоҷикистон самимона хайрамақдам гуфтанд.

Ҷонибҳо аз сатҳи баланди муколамаи мунтазами сиёсии байнидавлатӣ изҳори қаноат намуданд.

Дар бораи таъмини амният ва субот дар минтақа мубодилаи судманди афкор анҷом дода шуд.

Ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, истихроҷи маъдан, кишоварзӣ ва нақлиёт таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Ҳар ду ҷониб барои густариши минбаъдаи сармоягузорӣ дар бахшҳои афзалиятнок, рушди ҳамкорӣ дар соҳаи рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, хизматрасонии электронии давлатӣ ва амнияти



киберӣ изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Дар бахшҳои гуманитарӣ саронии ду давлат ба рушди робитаҳо дар самтҳои маориф, илм ва фарҳанг таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Сохтмони Маркази байналмилалии кӯдакони боистеъдод ва Театри драмавии русии ба номи Маяковский дар шаҳри Душанбе низ аз мавзуъҳои суҳбат буд.

Дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ аҳамияти ҳалли масъалаҳои ҷорӣ дар рӯҳияи созандагӣ таъкид карда шуд.

Дар рафти гуфтушунид вазъияти минтақа, мубориза бо таҳдиду хатарҳои амниятӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, зуҳуроти радикализм, таҳдидҳои киберӣ ва қочоқи маводи мухаддир, муфассал муҳокима гардид.

Сатҳи ҳамкории хуби ҳамоҳангшудаи байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсус ва ниҳодҳои мудофиавии ду кишвар баланд арзёбӣ шуд.

Изҳори бовар карда шуд, ки густариши ҳамкории минбаъда имкон медиҳад, ки шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни ду кишвар бо муҳтавои нави амалӣ ба манфиати ҳарду мардум ғанӣ гардад.

Дар ҷараёни суҳбат, атрофи масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

МУЛОҚОТУ МУЗОКИРОТИ САТҲИ ОЛӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН

7 ноябр сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки рӯзҳои 5-7 ноябр дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҷараён дошт ба анҷом расид.

Ёдовар мешавем, ки зимни ин сафар Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар Иҷлосияи Ақаба иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар доираи сафари расмӣ мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Қазоқистон доир гардида, зимни он маҷмуъи масоили ҳамкорӣ баррасӣ шуд.

Дар ҷараёни суҳбат ҳарду пешво аз имконияти сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қазоқистон ва муҳокимаи роҳҳои рушд ва таҳкими шарикии стратегӣ ва муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карданд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ҳамкории ду кишвар дар ҳама самтҳои калидӣ босуръат рушд меёбад ва Қазоқистон яке аз шарикони пешбари тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Зикр гардид, ки дар нӯҳ моҳи аввали соли 2026 тиҷорати миёни ду кишвар 25,6% афзоиш ёфта, ҳаҷми он аз як миллиард доллар зиёд шудааст.

Дар оғози музокирот, муҳтарам Қосим-Жомарт Тоқаев чунин изҳор доштанд «Муҳтарам Эмомалӣ Шариповичи! Ман аз сафари шумо ба Қазоқистон самимона истиқбол мекунам. Мо Шуморо ҳамчун як арбоби барҷастаи давлатӣ, як пешвои эътирофшудаи умумимилли мардуми тоҷик мешиносем. Ва имрӯз мо



комилан ҳақ дорем дар бораи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ миёни ду давлати бародари худ сухан гӯем».

Ҳарду ҷониб густариши ҳамкории сармоягузорӣ ва иштироки фаъоли доираҳои соҳибкории ду кишварро дар ин раванд ҷавобгӯи талаботи замон донистанд.

Қайд карда шуд, ки форуми тиҷоратии Тоҷикистон ва Қазоқистон низ, ки дар арафаи ин сафар дар Остона баргузор шуд, имконоти назарраси тавсеаи робитаҳои мустақими тиҷоратиро нишон дод.

Барои рушди минбаъдаи муносибатҳо, аҳамияти густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, логистика, инфрасохтори рақамӣ ва зеҳни сунъӣ таъкид гардид.

Таъсиси корхонаҳои муштарак, аз ҷумла дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва рушди занҷираҳои устувори истеҳсолӣ вазифаи афзалиятнок дар соҳаи саноат дониста шуд.

Аз рушди минбаъдаи робитаҳои бозаргонӣ, ки имрӯз ҳаҷми он ба 1 миллиард доллар расидааст, изҳори умед карда шуд, ки ба 2 миллиард доллар расонида шавад.

Ҷонибҳо ба ҳамкории фаъол дар соҳаи энергетика, аз ҷумла дар бахши барқ, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, ба имконоти васеи ҳамкорӣ дар ин самт ишора намуданд.

Ба ҳамкории минбаъдаи ширкатҳои Қазоқистон дар соҳаи истихроҷи маъдан, ки дорои иқтидори калон аст, таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Ҷонибҳо ба ҳамкории фаъол дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла дар истеҳсоли ғалладонагиҳо, маҳсулоти равғанӣ, ширӣ ва ғӯштӣ, ки имконоти калони содирот ба бозорҳои сеюм доранд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир

Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
Ректор

Мирсаидзода Саидакмал Аврор
Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим

Муқимзода Қутбиддин Мирзоҷон
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
Муовини ректор оид ба тарбия

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИРОН:
Савринисо Давлатова
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/Р3-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

Тавзех:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

МАКТАБИ ДАВЛАТДОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ: СУЛҲОФАРӢ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ УСТУВОР



13 ноябри соли 2026 дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 34-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10-солагии Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Мактаби давлатдории Пешвои миллат: сулҳофарӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувор» ҳамоиши сиёсиву маърифатӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Саидзода, роҳбарият, профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Қабл аз оғози ҳамоиш меҳмонон аз намоишгоҳи дастовардҳои илмию варзишии донишҷӯёну омӯзгорони донишгоҳ боздид намуда, бо натиҷаҳои фаъолияти онҳо дар самтҳои гуногуни илм, навоварӣ ва варзиш шинос шуданд.

Наҳуст, ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода иштирокдоронро ба муносибати ин санаҳои муҳими таърихӣ табрик гуфта, ба аҳаммияти баргузории чунин ҳамоишҳо дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ таъкид кард.

Қайд гардид, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябри соли 1992 дар шароити ниҳоят муракқаби сиёсиву иҷтимоӣ ва бухрони шадиди давлатдорӣ баргузор гардид, дар таърихи навини давлатдории тоҷикон марҳилаи сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад. Дар ин иҷлосия масъалаҳои калидии ҳифзи давлатдорӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳу субот ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ заминаҳои муҳим гузошта шуданд.

Сипас, муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ дар мавзуи мактаби давлатдории Пешвои миллат ва нақши он дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол суханронӣ намуд.

Номбурда иброз дошт, ки миллати тоҷик аз қадимулайём дар ташаккули тамаддуни башарӣ саҳми арзанда дошта, дар тули асрҳо, сарфи назар аз мушкилоту монеаҳои зиёд, ҳувият, забон, фарҳанг ва арзишҳои миллии худро ҳифз кардааст.



Баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ва интихоби мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муайян намудани оянда давлату миллат нақши ҳалкунанда гузошт. Ин интихоб оғози марҳилаи нави давлатсозӣ гардида, барои барқарорсозии сулҳу субот, таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ заминаи устувор фароҳам овард.

Мавсума Муинӣ иброз намуд, ки то расидан ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 21 даври музокироти байни тоҷикон баргузор гардида, дар ин раванд 40 санади муҳим ба имзо расидааст. Ин раванд намунаи барҷастаи иродаи сиёсӣ, сабру таҳаммул ва талошҳои пайгирона барои хотима бахшидан ба низоъ ва барқарор намудани ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа арзёбӣ гардид.

Дар идомаи ҳамоиш муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Саидзода доир ба дастовардҳои соҳаи молия дар даврони соҳибистиқлолӣ ва саҳми сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат дар рушди мамлакат суханронӣ намуд.

Номбурда зикр кард, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ низоми молиявии кишвар марҳилаҳои муҳими ташаккул ва такомули худро паси сар намуда, барои таъмини устуворияи иқтисодӣ, такмили идоракунии захираҳои молиявии давлатӣ ва маблағгузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд.

Ҳамчунин, қайд гардид, ки рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва ташаккули сармояи инсонӣ аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор мераванд.

Иттилоъ дода шуд, ки айни замон тақрибан 40 ҳазор ҷавони тоҷик дар 42 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар таҳсил мекунанд. Ин нишондиҳанда аз таваҷҷуҳи хосса ба рушди неруи зеҳнӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибкасб шаҳодат медиҳад.

Дар фароварди ҳамоиш зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ, баланд бардоштани ҳушёриву зиракии сиёсӣ, пешгирии гароиши ҷавонон ба ақидаҳои ифротӣ ва ташаккули тафаккури солими шаҳрвандӣ таъкид гардид.

Ҳамзамон, як қатор омӯзгорону кормандони донишгоҳ барои меҳнати софдилона, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли ҷавон, баланд бардоштани сатҳи дониш ва фаъолияти самарабахш дар рушди соҳаи маориф бо Ифтихорномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Инчунин, ба донишҷӯёни факултети ҳисобдорӣ ва омор Руфина Аминова аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони «Устоди варзиш» оид ба вазнбардорӣ супорида шуд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

АКСИЯ БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ



13 ноябри соли 2026 бо ташаббуси раёсати ташкилию тарбиявии ДДМИТ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Пешвои ман - ифтихори ман» миёни омӯзгорони донишгоҳ аксияи тарғиботӣ гузаронида шуд.

Ҳамасола 16 ноябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Ин сана барои мардуми кишвар рамзи эҳтиром ба давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, соҳибистиқлолӣ ва арҷгузорӣ ба таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии баргузории аксияи мазкур низ тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани эҳтиром ба ниҳодҳои давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ба ҳисоб мерафт.

Тағоймурод ЭШЗОДА

№ 9 (242) 28.11.26
Молия ва иқтисод
3

Бо мақсади истиқболи шоистаи ҷашни бошукӯҳи миллӣ - 34-умин солгарди Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамоиши ғоявию фарҳангии ҳайати профессорону омӯзгорон таҳти унвони «Аз Дирафши Коваён то Парчами давлатии Тоҷикистон: масири рушди ҳувияти миллӣ» доир гардид.

АЗ ДИРАФШИ КОВАЁН ТО ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН: МАСИРИ РУШДИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Дар ҳамоиш муовини раиси ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Шарофиддин Сабззода ва Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлат Раҳмониён иштирок намуданд.

Чорабинии тантанавӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба толор оғоз ёфт.

кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Ректор зимни суханронии худ бо ишора ба пайванди таърихии Дирафши Коваёнӣ ва Парчами давлатии Тоҷикистон таъкид намуд, ки Коваи оҳангари хештаншиносу далер бо парафшон намудани пешдомани чармини худ бар зидди зулму истибдоди Заҳҳок қиём карда, мардумро ба мубориза барои озодӣ ва адолат раҳнамун сохт. Дар замони

Мавсуф бо ёдоварӣ аз қаҳрамонии Коваи оҳангар бар зидди Заҳҳок иброз дошт, ки пас аз пирӯзии Кова дирафши ӯ ҳамчун рамзи ғалаба ва озодӣ маъруфият пайдо карда, бо номи Дирафши Ковиёнӣ шинохта шудааст. Фаридун ин дирафшро ҳамчун рамзи давлатдорӣ пазируфта, дар даврахои минбаъда низ шоҳони қадим онро нигоҳ дошта, бо илова намудани рамзу нақшҳои хосса ғанӣ гардонидаанд.





Дар оғози ҳамоиш ректори донишгоҳ Сатторзода Бобочон Абдуҷаббор ҳозиринро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик намуда, иброз дошт, ки Парчами давлатӣ барои ҳар миллат таҷассумгари таърихи пурифтихор, ҳувияти миллӣ, ормонҳои мардум, истиқлолу озодӣ, ваҳдати миллӣ ва масъулияти наслҳо дар назди Ватан мебошад.

Ба андешаи ректор, дар он рӯзҳое, ки Тоҷикистон ба мушкилоти сангини сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ буд, қабули Парчами давлатӣ яке аз иқдомҳои муҳиме гардид, ки барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, эҳёи умед ба оянда ва муайян намудани рамзҳои соҳибистиқлолии соҳибистиқлолӣ низ бо талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар кишвар таъмин гардида, миллат ба сӯи амалӣ намудани ормонҳои таърихии худ қадамҳои устувор гузошт.

Сипас, Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Раҳмониён доир ба таърихи парчамдории миллати тоҷик андешаронӣ намуда, маъно ва моҳияти вожаҳои «алам», «ливо» ва «дирафш»-ро шарҳ дод. Номбурда таъкид кард, ки фарҳанги парчамдорӣ аз умқи таърихи миллати тоҷик сарчашма гирифта, яке аз рукнҳои муҳими ҳувияти миллӣ ба шумор меравад.

Дар идомаи чорабинӣ як қатор кормандони донишгоҳ барои хизматҳои шоиста ва саҳми арзанда дар рушди соҳаи маориф қадрдонӣ гардиданд. Аз ҷумла, Муаффар Ҳалимзода барои хизматҳои бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли ҷавон, омода намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.



Ҳамзамон, як гурӯҳ устодону кормандони донишгоҳ барои фаъолияти пурсамар, иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ, ташаббускорӣ, саҳми арзанда дар рушди фаъолияти таълимию илмӣ, тарбияи донишҷӯён ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятии донишгоҳ бо Ифтихорномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд.

Дар доираи таҷлили Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни факултетҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мусобиқаҳои варзишӣ оид ба волейбол ва футболи хурд баргузор гардида, ғолибони онҳо муайян ва қадрдонӣ карда шуданд.

Дар натиҷа, дар сабқати волейбол дастаи факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ сазовори ҷойи якум, дастаи факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ соҳиби ҷойи дуюм ва дастаи факултети молия ва қарз сазовори ҷойи сеюм гардиданд.



Ҳамчунин, дар мусобиқаи футболи хурд дастаи садорати факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ маҳорати баланд нишон дода, ҷойи якумро соҳиб шуд. Дастаҳои факултети ҳисобдорӣ ва омор ҷойи дуюм ва факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ҷойи сеюмро ишғол намуда, бо туҳфаҳо ва ифтихорномаҳои донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш меҳмонон барои иштирок ва саҳмашон дар баргузории чорабинӣ бо туҳфаҳои хотиравии донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

4 ноябри соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ибтикори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Конститутсия - кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва омили рушди тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» доир гардид. Дар он намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, олимону муҳаққиқон, роҳбарияти донишгоҳ, устодону кормандон ва донишҷӯён иштирок намуда, атрофи аҳамияти таърихию сиёсии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши он дар ташаккули давлатдории миллӣ, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон андешаронӣ карданд.

КОНСТИТУТСИЯ - КАФИЛИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ОМИЛИ РУШДИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН





Пас аз садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим ҳамоишро ифтитоҳ намуда, нахуст арзи сипос ва қадрдонии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро ба раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоид ва саҳмгузорӣ дар баргузории чунин чорабинии муҳими илмию маърифатӣ расонид.

Мавсуф дар маърузаи худ ба ҷойгоҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми давлатдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон таваҷҷуҳ намуда, таъкид кард, ки қабули ин санади тақдирсоз дар таърихи навини кишвар марҳилаи сарнавиштсоз ба ҳисоб рафта, барои бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Зикр гардид, ки Конститутсия на танҳо Қонуни асосии давлат, балки ифодагари иродаи сиёсӣ, ормонҳои таърихӣ ва ҳадафҳои стратегии халқи Тоҷикистон мебошад. Маҳз дар заминаи меъёрҳои он низоми муосири давлатдорӣ ташаккул ёфта, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд.

Дар идомаи суханронӣ Одилзода Дилбар Раҳим аз талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия, қабул ва такмили Конститутсия ёдовар шуда, нақши Сарвари давлатро дар татбиқи ормонҳои миллии давлатдорӣ муҳим арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, мавсуф оид ба таъмини волоияти қонун, таҳкими низоми ҳуқуқӣ ва татбиқи сиёсати созандаю бунёдкоронаи Пешвои миллат дар пойтахти кишвар сухан ронда, фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ташаббусҳои бунёдкоронаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро дар самти ободонӣ, рушди инфрасохтор, беҳтар намудани шароити зиндагии сокинон ва фароҳам овардани имкониятҳои мусоид барои татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон мавриди таҳлил қарор дод.

Дилбар Одилзода таъкид намуд, ки тамоми иқдомоти созанда бояд дар доираи меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории кишвар амалӣ гардида, ба ҳифзи манфиатҳои ҷомеа, таъмини зиндагии шоиста ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ равона карда шаванд.

Дар ин замина, мафҳум ва муҳтавои Дебочаи Конститутсия низ мавриди таваҷҷуҳи нотиқ қарор гирифт. Ба таъкиди маърузачӣ, ибораи «Мо, халқи Тоҷикистон...» танҳо оғози матни Қонуни асосӣ набуда, ифодагари ваҳдати сиёсӣ, масъулияти муштараки шаҳрвандон дар назди давлат ва иродаи ягонаи миллат барои бунёди ҷомеаи озоду пешрафта мебошад. Маҳз ҳамин ғояи муттаҳидсозанда метавонад ҳамчун яке аз меҳварҳои асосии идеяи миллии мо хизмат намояд.

Дар фарҷоми маърузаи худ муовини Раиси шаҳри Душанбе ба масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, бахусус наврасону ҷавонон, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид дошт, ки шинохти Конститутсия, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, риояи қонун ва дарки ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ аз муҳимтарин омилҳои ташаккули насли худогоҳу ватандӯст ба шумор мераванд.



Сипас, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ба сухан баромад.

Ректори донишгоҳ нахуст ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҷиҳати таваҷҷуҳ ва ташаббуси баргузории конференсияи мазкур дар заминаи муассисаи таълимӣ изҳори миннатдории самимии раёсати донишгоҳро баён намуда, зикр кард, ки баргузории чунин ҳамоишҳои илмию маърифатӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа, таҳкими худшиносии миллӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон аҳамияти муҳим дорад.

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ба пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ, моҳияти Конститутсия ҳамчун раҳнамои зиндагии ҷомеа ва кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мазмуну муҳтавои як қатор меъёрҳои бунёдии онро шарҳ дод.

Аз ҷумла, мавсуф ба моҳияти моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ карда, хусусиятҳои асосии давлати Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ тавзеҳ дод. Ҳамчунин, бо шарҳи моддаи 5 иброз дошт, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини давлат маҳсуб меёбанд.

Ба андешаи ректори донишгоҳ, ин меъёрҳо моҳияти инсонмеҳварии Конститутсияро бозгӯ намуда, самти асосии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, донистани Қонуни асосӣ, эҳтиром ба меъёрҳои он ва дар амал татбиқ намудани талаботи қонунгузорӣ бояд ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги ҳуқуқии ҳар як шаҳрванд бошад.

Дар идома Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ба ду рӯйдоди муҳими таърихӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ишора намуда, ҳамоҳангӣ ва пайванди маънавию таърихии ин санаҳоро бо Конститутсия таъкид кард.

Зикр гардид, ки агар Истиқлоли давлатӣ барои эҳёи давлатдории миллӣ ва муайян намудани роҳи мустақили рушди кишвар имконият фароҳам оварда бошад, пас Конститутсия заминаи ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии ташаккулу таҳкими ин давлатдориро муайян намуд. Дар чунин шароит таъсис ва рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ба раванди бунёди низоми нави иҷтимоию иқтисодӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос иртиботи ногусастанӣ дорад.

Яке аз бахшҳои ҷолибу пурмуҳтавои конференсия суҳбати озоди доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Шавкат Маҳмудович буд, ки бевосита дар таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Ӯ бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва хотироти таърихӣ дар бораи марҳилаҳои таҳия, муҳокима ва қабули Қонуни асосӣ, фазои сиёсию иҷтимоии он давра ва мушкилоти пешомада маълумоти арзишманд пешниҳод кард.

Профессор Шавкат Маҳмудович нахуст аз вазъи мураккаби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ёдовар шуда, таъкид намуд, ки дар чунин шароити ҳассос таҳия ва қабули Конститутсияи нав иродаи қавӣ, ҷасорат, дурандешӣ ва масъулияти бузурги сиёсиро тақозо мекард. Ба таъкиди ӯ, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд ниҳоят муҳим буда, маҳз бо талошҳои пайгиронаи Сарвари давлат заминаҳои ҳуқуқии давлатдории муосири тоҷикон таҳким ёфтанд.

Шавкат Маҳмудович раванди муҳокимаи лоиҳаи Конститутсияро яке аз марҳилаҳои муҳими ташаккули иродаи умумихалқӣ арзёбӣ карда, аз пешниҳоду дархостҳои сершумори шаҳрвандон ёдовар шуд. Ба гуфтаи мавсуф, дар ҷараёни муҳокимаи лоиҳа ва омодагӣ ба раъйпурсии умумихалқӣ беш аз 8500 дархосту пешниҳод ворид гардида, бо дастури Пешвои миллат ҳамаи онҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин раванд, ба андешаи ӯ, далели равшани иштироки фаъоли мардум дар муайян намудани асосҳои ҳуқуқии давлат ва ифодаи иродаи халқ дар Қонуни асосӣ мебошад.

Нотиқ оид ба эътибору мақоми байналмилалии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаронӣ намуда, аз арзёбиҳои баланд ва ҷойгоҳи он дар байни конститутсияҳои кишварҳои ҷаҳон ёдовар шуд. Мавсуф таъкид кард, ки аҳамияти Конститутсия ҳамчун модели арзишҳои рушди давлатдории миллӣ, низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва заминаи таҳкими қонунияту қонунсолорӣ хизмат мекунад.

Ба таъкиди ӯ, дар шароити муосир ташаккули мактаби миллии қонунгузорӣ, такмили пайвастаи низоми ҳуқуқӣ ва риояи қатъии меъёрҳои конститутсионӣ аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Суҳбати профессор Исмоилов Шавкат Маҳмудович, ки бо овардани далелҳои таърихӣ, хотироти шахсӣ ва таҳлили масъалаҳои ҳуқуқӣ сурат гирифт, барои иштирокчиён, бахусус донишҷӯён имконияти хуби шиносоӣ бо таърихи таҳияи яке аз муҳимтарин санадҳои давлатдориро фароҳам овард.

Дар ин росто, донишҷӯи курси дуюми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шукрона Қувватова дар мавзуи сиёсати иҷтимоии давлат ва таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат ба дастгирии ҷавонон суханронӣ намуда, андешаҳои худро дар бораи ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи арзишҳои давлатдорӣ баён кард.

Ӯ бо таъкид бар он ки ҷавонон неруи пешбарандаи ҷомеа ва ояндаи давлат мебошанд, изҳор дошт, ки дар шароити фароҳамовардаи давлату Ҳукумати мамлакат ҳар як ҷавон бояд барои азхуд намудани дониш, касбомӯзӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватан талош намояд.

Дар ҳақиқат, иштироки донишҷӯён дар чунин чорабиниҳои илмию маърифатӣ барои пайвастани донишҳои назариявӣ ба воқеияти зиндагӣ, ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва дарки амиқи арзишҳои давлатдории миллӣ мусоидат мекунад.

Дар фарҷоми ҳамоиш муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим бори дигар ба нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия, қабул ва такмили Конститутсия таваҷҷуҳ намуда, саҳми Сарвари давлатро дар ташаккули аркони давлатдории миллӣ ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҷомеаи соҳибистиқлол муҳим арзёбӣ кард.

Мавсуф изҳори итминон кард, ки Конститутсия дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамчун санади меҳварии ҳуқуқӣ барои пешрафти ҷомеа, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ хизмат намуда, татбиқи пайгиронаи меъёрҳои он шарти муҳими рушди устувори кишвар мебошад.

Дар қисмати ҷамъбастии конференсия музокираҳои озод баргузор гардида, иштирокчиён атрофи масъалаҳои марбут ба нақши Конститутсия дар таҳкими давлатдории миллӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва риояи меъёрҳои қонунгузорӣ андешаву пешниҳодҳои худро иброз доштанд.

Дар анҷоми чорабинӣ ба муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим ва ҳамроҳонаш аз номи раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,
сардори шуъбаи иттилоот
ва нашрияи ДДМИТ

№ 9 (242) 28.11.26
Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
5

НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАҲКИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД ВА РУШДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ



3-юми ноябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Нақши Конститутсия дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ» ҳамоиши сиёсӣ-идеологӣ доир гардид.

Наҳуст ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор иштирокчиёнро ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, ба аҳамияти таърихию сиёсии ин санади сарнавиштсоз дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард.

Бобоҷон Сатторзода таъкид намуд, ки Конститутсия яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлол ва таҷассумгари иродаи халқ, рамзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва роҳнамои бунёди ҷомеаи адолатпарвар мебошад. Қабули он 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ дар шароити мураккаби сиёсиву иҷтимоии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ташаккули низоми нави давлатдорӣ, таҳкими субот ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди кишвар заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт.

Мувофиқи моддаи 1-и Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, иҷтимоӣ будани давлат уҳдадории онро дар самти фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи инсон муайян менамояд. Ҳамчунин, тибқи моддаи 5 инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида, давлат вазифадор аст онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз намояд.

Сарвари донишгоҳ дар ҳошияи шарҳи аҳамияти волоияти қонун иброз дошт, ки ин принсип яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва таҳкими амнияти иқтисодии кишвар мебошад. Ба таъкиди ӯ, рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ, ҳифзи моликият ва таъмини рақобати солим танҳо дар шароити мавҷудияти низоми устувори ҳуқуқӣ, шаффофият ва адолат имконпазир аст.

Мавсуф робитаи ногусастании Истиқлоли давлатӣ ва Конститутсияро таъкид намуда, изҳор дошт, ки агар Истиқлол ба мардуми Тоҷикистон имконияти таърихии мустақилона муайян намудани роҳи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фароҳам оварда бошад, Конститутсия асосҳои ҳуқуқии амалӣ гардидани ин имкониятро муқаррар намуд.

Дар ин замина, ба аҳамияти рушди иқтисоди миллӣ, густариши истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, омода намудани кадрҳои соҳибкасб ва тарбияи шаҳрвандони ватандӯсту соҳибмаърифат ҳамчун омилҳои муҳими ҳифзи Истиқлол таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Дар идома раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Барно Саидвализода нақши Конститутсияро дар ташаккул ва таҳкими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд мавриди баррасӣ қарор дод.

Зикр гардид, ки қабули Конститутсия барои муайян намудани асосҳои сохтори давлатӣ, ташкили низоми ҳокимият, муқаррар намудани принсипҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди ҷомеаи демократӣ аҳаммияти сарнавиштсоз дошт. Маҳз тавассути ин санади олии ҳуқуқӣ соҳибихтиёрии давлатӣ, волоияти қонун, арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун пояҳои бунёдии давлатдории миллӣ эътироф ва мустаҳкам гардиданд.

Таъкид шуд, ки соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқбунёдӣ танҳо бо эълони меъёрҳои конститутсионӣ маҳдуд намешаванд, балки татбиқи пайгиронаи онҳоро дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа тақозо мекунанд. Аз ин рӯ, эҳтиром ба Конститутсия, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ аз шартҳои муҳими таҳкими давлатдории миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон



дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Зоҳир Иззат Ҳабибзода бошад, ба масъалаи Конститутсия ҳамчун раҳнамои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд.

Мавсуф таъкид кард, ки Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ соҳибихтиёрии давлат, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ ва асосҳои давлатдории мустақилро кафолат дода, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад. Ба таъкиди ӯ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ танҳо дар сурати эҳтиром ба қонун, ҳифзи низоми конститутсионӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ пойдор хоҳанд монд.

Ҳамчунин, дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки таҳдиду хатарҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва амниятӣ ба манфиатҳои давлатҳо таъсир мерасонанд, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандон аҳаммияти бештар касб мекунад. Аз ин рӯ, ҳифзи дастовардҳои Истиқлол ва суботу оромии ҷомеа вазифаи умумимиллӣ буда, иштироки фаъолонаи ҳар як шаҳрвандро тақозо менамояд.

Қисмати илмӣ ва назариявии ҳамоишро маърузаҳои олимону муҳаққиқони донишгоҳ ташкил доданд.

Профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Шавкат Исмоилов дар мавзуи «Заминаҳои асосии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва расидан ба ҳадафҳои созанда» маъруза намуда, заминаҳои таърихию сиёсӣ ва ҳуқуқии қабули ин санади тақдирсозро мавриди таҳлил қарор дод.

Мавсуф дар баромади худ ба саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва таҳкими асосҳои конститутсионии давлатдории навини тоҷикон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд.

Иброз гардид, ки дар марҳалаи ҳассоси таърихи кишвар, ки ҷомеа ба таҳкими сулҳу субот, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва муайян намудани роҳи минбаъдаи рушди давлат ниёз дошт, нақши роҳбарияти олии кишвар дар фароҳам овардани заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии қабули Конститутсия муҳим буд. Талошҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар самти таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини ваҳдати ҷомеа ва низоми конститутсионии кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир кард.

Мавсуф таъкид намуд, ки яке аз арзишҳои бунёдии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ба сифати арзиши олӣ мебошад. Ин меъёри муҳим дар моддаи 5-и Конститутсия мустаҳкам гардида, масъулияти давлатро дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян менамояд.

Дар ин замина, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ, дахлнопазирии шахс, баробарӣ дар назди қонун, озодии сухан, виҷдон, интихоби касбу кор, таҳсил ва дигар ҳуқуқу озодиҳои бунёдӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми конститутсионии кишвар шарҳ дода шуданд.

Дар ҷамъбасти ҳамоиш як қатор устодони варзидаи донишгоҳ барои саҳми арзанда гузоштанашон



ташаккули низоми муосири ҳуқуқӣ дар ин раванд аҳаммияти махсус доштанд.

Дар идомаи маъруза масъалаҳои ташаккули низоми нави давлатдорӣ, зарурати муайян намудани асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва эҷоди заминаҳои мусоид барои рушди минбаъдаи кишвар баррасӣ гардиданд. Таъкид шуд, ки қабули Конститутсия дар шароити мураккаби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои муайян намудани роҳи минбаъдаи рушди давлат ва ҷомеа аҳаммияти тақдирсоз дошт.

Сипас, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ҷамрод Бобозода дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низоми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» маъруза намуда, ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар фаъолияти таълимию илмӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисос ва рушди муассиса бо Ифтихорномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин, меҳмонони чорабинӣ барои иштирок ва саҳмгузорӣ дар баргузории ҳамоиш бо туҳфаҳои хотиравии донишгоҳ қадрдонӣ шуданд.

Ҳамоиши мазкур дар фазои тантанавӣ ва руҳияи баланди ватандӯстӣ баргузор гардида, имкон фароҳам овард, ки масъалаҳои муҳими марбут ба нақши Конститутсия дар таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди низоми ҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз дидгоҳҳои гуногуни илмӣ ва сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,
сардори шуъбаи иттилоот
ва нашрияи ДДМИТ

БОБОҶОН САТТОРЗОДА: ОЯНДАИ ШУМО АЗ ИМРЎЗ ВА АЗ ҲАМИН ДАРГОҲ ОҒОЗ МЕЁБАД

Суҳбати озоди ректори ДДМИТ бо донишҷӯёни курси якуми факултети молия ва қарз дар атрофи донишандӯзӣ, масъулиятшиносӣ ва худогоҳии миллӣ



11 ноябри соли 2026 дар арафаи таҷлили даҳумин солгарди Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон воҳӯрии озоду самимии ректори донишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бобоҷон Сатторзода бо донишҷӯёни курси якуми факултети молия ва қарз доир гардид.

Мулоқоти мазкур бо мақсади шиносоии наздик бо муҳити таҳсил, мушкилоту ниёзҳои донишҷӯёни навқабулшуда ва баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносии онҳо баргузор шуда, ба суҳбати самимӣ ва пурмуҳтавои тарбиявию роҳнамой табдил ёфт.

Ректори донишгоҳ дар оғози суҳбат таъкид намуд, ки донишҷӯй давраи муҳими ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ, одобу ахлоқ ва муайян намудани мавқеи инсон дар ҷомеа мебошад.

ТАРТИБУ ИНТИЗОМ - ПОЯИ МУВАФФАҚИЯТИ ДОНИШҶӮ

Дар ҷараёни воҳӯрӣ масъалаҳои риояи одобу ахлоқи донишҷӯй, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, қонунгузории амалкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ҳуқуқу уҳдадориҳои донишҷӯ ва риояи қатъии тартиботи дохилидонишгоҳӣ аз мавзуъҳои меҳварӣ буданд.

Ректор бо таъкид бар он ки донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд пеш аз ҳама намунаи одобу ахлоқ, интизом ва фарҳанги муошират бошад, онҳоро даъват намуд, ки талаботи оиннома ва қоидаҳои дохилии донишгоҳро риоя карда, сару либоси тавсияшударо ба бар намоянд, бо лавозимоти зарурии таълимӣ таъмин бошанд ва ба ҳар як машғулият сари вақт ва бо омодагии ҳамаҷониба ҳозир шаванд. Дарсшиканӣ, муносибати саҳлангорона ба таҳсил, беэътиноӣ ба супоришҳои таълимӣ ва дурӣ ҷустан аз муҳити созандаи донишгоҳӣ метавонанд ба ташаккули шахсияти ӯ низ монеа эҷод кунанд. Аз ин рӯ, ҳар як донишҷӯ бояд вақти худро самаранок истифода бурда, аз муҳити носолим ва рафторҳои ғайрисозанда дурӣ ҷӯяд.

ДОНИШ САРМОЯИ АСОСИИ ОЯНДАИ ШУМОСТ!

Қисмати муҳими суҳбат ба масъалаи азхудкунии донишҳои муосир, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ҷаҳонбинӣ, инчунин омода намудани донишҷӯён ба талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат бахшида шуд.

Бобоҷон Сатторзода бо мурочиати самимӣ ба донишҷӯён таъкид кард, ки ояндаи касбӣ ва иҷтимоии ҳар яки онҳо, пеш аз ҳама, аз муносибати имрӯзаашон ба таҳсил вобаста аст. Чор соли таҳсил дар донишгоҳ фурсати муносибест, ки дар ин давра малакаҳои амалӣ, тафаккури таҳлилӣ, қобилияти мустақилона андешидан ва маҳорати истифодаи технологияҳои муосир низ ташаккул меёбанд.

Зимни суҳбат ректор ба масъулияти падару модар ва аҳли оила дар фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсили фарзандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз дошт, ки ҳар як донишҷӯ бояд заҳмату меҳнати волидони худро қадр кунад. Падару модар барои таҳсили фарзанд аз ҳисоби даромади оила маблағ сарф намуда, бо умеди соҳиби маълумоти олӣ, касбу ҳунар ва мақоми шоиста дар ҷомеа гардидани ӯ аз бисёр ниёзҳои хонавода сарфи назар мекунанд. Аз ин рӯ, донишҷӯ набояд нисбат ба ояндаи худ ва заҳмати падару модар бетараф бошад. Ҳар як соати дарсӣ, ҳар як имконияти фароҳамовардаи донишгоҳ ва ҳар як маблағи барои таҳсил сарфшуда бояд самараи воқеӣ диҳад.

Ректор барои равшантар баён намудани ин андеша мисоли ибратбахше оварда, донишҷӯеро, ки донишро аз худ намекунад, ба шахсе монанд кард, ки ба бозор рафта, моли гаронарзиш мехарад, вале онро истифода накарда, дасти холӣ ба хона бармегардад. Яъне, донишҷӯе, ки аз имкониятҳои таҳсил истифода намебарад ва донишҳои пешниҳодкардаи омӯзгоронро аз худ намекунад, дар асл вақт, маблағ ва имкониятҳои гаронбаҳои худро беҳуда сарф мекунад.

«Кӯшиш кунед, ки маблағи сарфшуда, вақти гузаронидаатон ва умеди падару модаратон барбод наравад», - таъкид намуд ректор.

Дар идома ректор донишҷӯёнро ба таҳсили аъло, азхудкунии амиқи фанҳои таҳассусӣ ва саъю талош барои дарёфти стипендия ҳидоят намуда, иброз дошт, ки донишҷӯи фаъолу пешқадам метавонад бо натиҷаҳои хуби таълимӣ на танҳо боиси ифтихори оила ва донишгоҳ гардада, тавассути дарёфти стипендия як қисми эҳтиёҷоти шахсии худро низ таъмин намояд.

Ба таъкиди ректор, дар шароити рақобати шадиди бозори меҳнат танҳо доштани диплом кофӣ нест. Мутахассиси оянда бояд дониш, малака, ҷаҳонбинии васеъ ва қобилияти мутобиқ шудан ба талаботи замонро дошта бошад. Зеро шахсе, ки дониш намеандӯзад ва маҳорати касбии худро такмил намедиҳад, дар бозори меҳнат бо мушкилоти чиддӣ рӯ ба рӯ мешавад.

УСТОДРО ЭҲТИРОМ КУНЕД ВА АЗ ТАҶРИБАИ Ӯ БАҲРА БАРЕД!

Ректори донишгоҳ дар идомаи мулоқот ба масъалаи эҳтиром ба омӯзгор ва нақши устод дар ташаккули шахсияти донишҷӯ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Ректор таъкид кард, ки омӯзгор танҳо интиқолдиҳандаи донишҳои назариявӣ набуда, балки роҳнамои маънавию касбӣ ва шахси соҳибтаҷрибаест, ки метавонад дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ ба донишҷӯ кумак расонад.

«Устодони худро эҳтиром кунед, аз дониш ва таҷрибаи онҳо ҳарчи бештар баҳра бардоред. Кӯшиш кунед, ки дар байни омӯзгорон шахсиятеро пайдо намоед, ки барои шумо намуна ва идеали касбӣ бошад. Аз таҷрибаи чунин устодон омӯзед, ба онҳо пайравӣ кунед ва барои расидан ба сатҳи дониш ва маҳорати онҳо талош намоед», - иброз дошт Бобоҷон Сатторзода.

Дар ин замина, донишҷӯён ба иштироки фаъолона дар машғулиятҳо, муоширати созанда бо омӯзгорон, истифодаи имкониятҳои таълимии донишгоҳ ва ташаккули муносибати чиддӣ ба омӯзиши фанҳои таҳассусӣ ҳидоят карда шуданд.

ОЛИМПИАДАҲО ВА ОЗМУНҲО - МАЙДОНИ САНҶИШИ ДОНИШУ ИСТЕЪДОД

Дар бахши дигари воҳӯрӣ ректор ба зарурати иштироки донишҷӯён дар олимпиадаҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ишора намуда, онҳоро ба омӯзиши мустақилона, ҷустуҷӯ ва намоиши қобилиятҳои зеҳнии худ ташвиқ кард.

Зикр гардид, ки имрӯз барои ҷавонони соҳибистеъдод имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудаанд. Аз ҷумла, бо ташаббус ва таваҷҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ, аз қабили «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» ва дигар чорабиниҳои маърифатӣ роҳандозӣ гардидаанд. Ҳадафи онҳо кашфу рушди истеъдод, тақвияти тафаккури илмӣ, китобхонӣ, худшиносии миллӣ ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд мебошад.

Ректор таъкид намуд, ки донишҷӯён бояд аз ин имкониятҳо самаранок истифода бурда, дар озмунҳо фаъолона ширкат варзанд ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас талош намоянд. Ғолибони чунин озмунҳо ҳамасола бо ҷоизаҳои арзишманди пулӣ ва дигар имтиёзҳо қадрдонӣ мешаванд, ки ин низ имконияти хубест барои муаррифии истеъдод ва дастовардҳои ҷавонон.

Ҳамзамон, ба донишҷӯён тавсия дода шуд,



ки узвияти китобхонаи илмии донишгоҳро ба даст оварда, аз имкониятҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон низ васеъ истифода баранд. Боздид аз осорхонаҳо, мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва маконҳои дорои аҳаммияти миллӣ низ яке аз роҳҳои муҳими баланд бардоштани маърифати таърихӣ ва тақвияти худшиносии ҷавонон арзёбӣ гардид.

Дар ин робита, ректори донишгоҳ аз фаъолияти устоди кафедраи фаъолияти бонкӣ Сорбон Шарбатов ёдовар шуда, барои ташаббус ва таваҷҷуҳи пайвастаи ӯ дар самти шинос намудани донишҷӯён бо мавзеъҳои таърихӣ, осорхонаҳо ва Китобхонаи миллӣ изҳори сипос намуд. Ба гуфтаи ректор, чунин иқдомҳо дар баробари таълиму тарбияи қасбӣ барои васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ, тақвияти ҳисси ватандӯстӣ ва шиноҳти таъриху фарҳанги миллӣ аҳаммияти калон доранд.

ТЕЛЕФОН ВОСИТАИ ДОНИШАНДӮЗӢ БОШАД, НА ОМИЛИ САРФИ БЕҲУДАИ ВАҚТ

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ масъалаи истифодаи мақсадноки телефонҳои мобилӣ ва фазои маҷозӣ низ аз мавзуъҳои муҳими воҳӯрӣ буд.

Бобоҷон Сатторзода аз донишҷӯён даъват намуд, ки аз имкониятҳои технологияҳои муосир, бахусус телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои омӯзиш, такмили дониш, азхудкунии забонҳои хориҷӣ ва дарёфти иттилооти муфид истифода баранд. Ҳамзамон, зарурати эҳтиётқорӣ ҳангоми истифодаи муҳтавои шабакаҳои иҷтимоӣ, худдорӣ аз пайравӣ ба равияҳои ифротгароёна, гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ва ҳар гуна даъватҳои дорои хусусияти зиддиқонунӣ таъкид гардид.

Ректор махсусан хушдор дод, ки донишҷӯён набояд ба ҳар гуна маводи шубҳанок дар фазои маҷозӣ бовар кунанд, онро беандеша паҳн намоянд ё бо гузоштани нишонаҳои писандидан (лайк) ба муҳтавои ифротию ифвоангез ба таблиғу густариши чунин андешаҳо мусоидат намоянд.

Дар ин замина, масъалаи шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот, оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Таъкид шуд, ки зиндагӣ ва таҳсил дар фазои амну осуда, истифода аз имкониятҳои фароҳамовардаи давлату Ҳукумат ва доштани шароити мусоид барои донишандӯзӣ неъмати бузург буда, ҳифзу таҳкими ин дастовардҳо вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Ба андешаи ректор, донишҷӯи муосир бояд меҳру муҳаббат, завқу шавқ ва садоқати худро, пеш аз ҳама, ба донишомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ ва бунёди ояндаи шоиста равона созад, на ин ки тамоми таваҷҷуҳашро ба телефонҳои гаронбаҳо, мошин, сарватҷӯӣ ва айшу ишрат равона намояд. Зеро арзиши воқеии инсонро на дороии зоҳирӣ, балки дониш, маърифат, ахлоқ, қобилият ва хизмат ба ҷомеа муайян мекунанд.

ФАРҲАНГИ ШАҲРНИШИНӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

Дар идомаи суҳбат масъалаҳои риояи одоби шаҳрнишинӣ, фарҳанги истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ, тозагию озодагӣ, муносибати эҳтиромона бо сокинон ва риояи меъёрҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ низ матраҳ гардиданд.

Ректор иброз дошт, ки донишҷӯ ҳамчун намояндаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на танҳо дар дохили донишгоҳ, балки дар кӯчаву хиёбонҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ низ бояд бо рафтору гуфтор ва фарҳанги баланди муошират худ намуна бошад. Одоби шаҳрнишинӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги умумии инсон буда, риояи он аз сатҳи маърифат ва масъулиятшиносии ҳар як шахс дарак медиҳад.

Ҳамзамон, зарурати эҳтиром ба қонун, арзишҳои миллӣ, муқаддасоти давлатӣ ва ҳифзи муҳити солими иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи муҳими ҳар як донишҷӯ таъкид карда шуд.

БОВАРӢ БА ОЯНДАИ ШОИСТАИ ДОНИШҶӮЁН

Дар фароварди воҳӯрӣ ректори донишгоҳ ба донишҷӯёни курси якум мурочиат намуда, изҳори боварӣ кард, ки онҳо бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда, заҳмати пайваста, азму иродаи қавӣ ва муносибати масъулона ба таҳсил дар давоми чор соли оянда ба мутахассисони соҳибтахассус табдил ёфта, мояи ифтихори падару модар, аҳли оила, устодон ва донишгоҳ хоҳанд шуд.

Рохбарияти донишгоҳ барои дастгирии донишҷӯён, баррасии мушкилоти мавҷуда ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия ҳамеша омода аст. Аз ҷумла, рӯзҳои сешанбе ва шанбе рӯзҳои қабули ректор буда, донишҷӯён метавонанд дар сурати пайдо шудани мушкилот ва зарурати ҳалли масъалаҳои вобаста ба таҳсилу зиндагии донишҷӯй бевосита ба роҳбарияти донишгоҳ мурочиат намоянд.

Инчунин, иттилоъ дода шуд, ки силсилаи чунин воҳӯриҳои озоду самимии ректори донишгоҳ бо донишҷӯёни курсҳои якуми факултетҳои дигар низ идома ёфта, ҳадафи онҳо таҳкими робитаи роҳбарияти донишгоҳ бо донишҷӯён, шиносоии бевосита бо мушкилоти онҳо ва баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносӣ, худогоҳӣ ва фаъолияти таълимию ҷамъиятии ҷавонон мебошад.

Дар маҷмуъ, воҳӯрии мазкурро метавон дарси муҳими зиндагӣ ва роҳнамоии касбӣ барои донишҷӯёни навқадам арзёбӣ намуд. Паёми меҳварии он равшан буд: донишҷӯй масъулияти бузург дар назди худ, падару модар, ҷомеа ва Ватан мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як ҷавон бояд аз фурсати тиллоии донишҷӯй самаранок истифода бурда, бо дониш, одоб, фарҳанг ва маҳорати касбӣ барои ояндаи худ заминаи устувор гузорад.

Муҳаммадалӣ ОЧИЛДИЕВ,
сардори шуъбаи иттилоот
ва нашрияи ДДМИТ



КИШВАРҲОИ РУШДЁБАНДА ДАР НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ



20 ноябри соли 2026 бо ташаббуси факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон конфронси байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Кишварҳои рушдёбанда дар низоми молиявии ҷаҳонӣ: афзалиятҳои ҳифзи захираҳо ва муҳити зист, тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва идоракунии самараноки молиявӣ» доир гардид.

Тавре муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳ Қутбиддин Муқимзода иброз дошт, конфронси мазкур ба муносибати ду санаи муҳими таърихӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии босуръати равандҳои иқтисодию молиявӣ омӯзиши таҷрибаи кишварҳои гуногун, таҳлили мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо аҳаммияти хосса дорад.

Дар идомаи чорабинӣ маърузаи ифтитоҳии ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода ба самъи иштирокдорон расонида шуд. Дар он аҳаммияти баргузории чорабиниҳои илмии байналмилалӣ, нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар рушди илму маориф ва зарурати таҳкими робитаҳои илмӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки рушди илму маориф, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалияи иқтисодӣ аз омилҳои муҳими пешрафти ҷомеа ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар ба ҳисоб мераванд.

Дар идомаи конфронс доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, намояндаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Тирмизи Ҷумҳурии Узбекистон Суҳроб Гадоев ба таври маҷозӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳаммияти молияи исломӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ» маъруза намуд.

Зикр гардид, ки молияи исломӣ метавонад ҳамчун воситаи муассири ҷалби сармоя, рушди соҳибкории хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии аҳолӣ хизмат намояд.

Инчунин, муовини роҳбари департаменти илм ва рақамикунонии Донишкадаи маориф ва менеҷменти Донишгоҳи инноватсионӣ-технологии Ғарбии Қазоқистон (шаҳри Уралск) Бакит Уразова ба таври маҷозӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди соҳибкории технологӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» маъруза пешниҳод кард.

Зикр гардид, ки соҳибкории технологӣ имрӯз ба яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодии кишварҳо табдил ёфта, дар заминаи истифодаи технологияҳои муосир, донишҳои илмӣ, навоварӣ ва усулҳои пешқадами истеҳсолу хизматрасонӣ ташаккул меёбад. Ба таъкиди маърузачӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, дорои имкониятҳои назарраси рушди соҳибкории технологӣ мебошанд.

Сипас, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалии молиявию қарзии донишгоҳ Фаридулло Убайдуллоев дар мавзуи «Намунаҳои таърихӣ ва асосҳои ахлоқию институтсионалии ташаккули рафтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ» баромад намуда, масъалаи ташаккули рафтори молиявиро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлил қарор дод.

Қайд гардид, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ рафтори молиявӣ дорои хусусиятҳои хоси таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ буда, дар тули асрҳо таҳти таъсири тиҷорати байналмилалӣ, муносибатҳои бозорӣ, анъанаҳои ҳунармандӣ, арзишҳои ахлоқии ҷомеа, таълимоти исломӣ ва низоми институтсионалӣ ташаккул ёфтааст.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо масъалаҳои матраҳшуда мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, ба донишҷӯёни фаъол ифтихорномаҳо тақдим карда шуданд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

НАҚШИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ҲИФЗИ ДАСТОВАРДҲОИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

17 ноябри соли 2026 бо ташаббуси кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мизи мудаввари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши мудофиаи гражданӣ дар ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.



Дар чорабинӣ муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода, сардори шуъбаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, подполковник Ҷумабек Умарзода, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи гражданӣ, подполковники эҳтиётӣ Собир Шокиров, подполковники мустаъфӣ Рамазон Раҳмонов, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст, Собир Шокиров оид ба аҳаммияти мудофиаи гражданӣ дар таъмини амнияти шаҳрвандон, пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият суханронӣ намуда, зарурати баланд бардоштани дониш ва малакаҳои амалии аҳолиро дар ин самт таъкид кард.

Сипас, Қутбиддин Муқимзода баргузории чунин чорабиниҳоро дар тарбияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ва ташаккули масъулиятшиносии ҷавонон муҳим арзёбӣ намуд.

Ҷумабек Умарзода дар бораи фаъолияти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва дастовардҳои он дар даврони истиқлолият маълумот дода, таъкид кард, ки ҳифзи сулҳу субот ва арзишҳои миллӣ масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Рамазон Раҳмонов дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими низоми мудофиаи гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъруза намуда, нақши ин сохторро дар ҳифзи ҳаёти аҳолӣ, пешгирии офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ, ташкили корҳои наҷотдиҳӣ ва коҳиш додани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода шарҳ дод.

Ҳамчунин, донишҷӯён Саида Сайфзода дар мавзуи «Омодагии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулода» ва Фариштамоҳи Тоҷиддин дар мавзуи «Терроризми муосир ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ» маъруза карданд.

Дар баромадҳо зарурати риояи қоидаҳои бехатарӣ, омӯзиши малакаҳои ёрии аввалия, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсӣ ва муқовимат ба ифротгарой таъкид гардид.

Дар идомаи мизи мудаввар омӯзгорону донишҷӯён, аз ҷумла Сабоҳат Сафарзода ва Салоҳ Каримов фаъолона иштирок намуда, атрофи масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, амнияти миллӣ, пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва саҳми ҷавонон дар ҳифзи дастовардҳои истиқлолият мубодилаи афкор карданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ барои иштироки фаъолона ва саҳми арзанда дар баргузории мизи мудаввар ба донишҷӯён ифтихорномаҳо тақдим карда шуданд.

Савринисо ДАВЛАТОВА

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ «САБЗ» ДАР ТОҶИКИСТОН

13 ноябри соли 2026 бо ташаббуси кафедраи иқтисоди сабз ва захираҳои табиии факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мизи мудаввари илмӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.



Дар кори мизи мудаввар сардори шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии Маркази омӯзиши тағйирёбии иқлим ва қабати озони Агентии обуҳавошиносӣ Ҳабибулло Маҳмадуллоев, муовини сардори Раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техникаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Идрис Иззатзода, директори генералии Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» Дилшод Умарзода, инчунин омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст, муовини якуми ректор, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидзода муҳиммияти масъалаи ташаккул ва рушди иқтисоди «сабз»-ро дар шароити муосир таъкид намуд. Зикр гардид, ки бо назардошти афзоиши мушкилоти экологӣ, тағйирёбии иқлим ва таъсири фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳити зист, гузариш ба модели иқтисоди «сабз» яке аз самтҳои муҳимми таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Сипас, Ҳабибулло Маҳмадуллоев, Идрис Иззатзода ва мудири кафедраи иқтисоди сабз ва захираҳои табиӣ Азизулло Исматуллозода доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъ маърузаҳо пешниҳод намуда, масъалаҳои тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди энергетикаи барқароршаванда ва роҳҳои татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар идомаи мизи мудаввар директори генералии Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» Дилшод Умарзода, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор Рустам Қудратзода, декани факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ Мастура Бӯризода, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Бобомурод Бобомуродов ва дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллӣ Баҳодур Раҳимзода доир ба масъалаҳои ташаккул ва рушди



иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои судманди худро баён намуданд.

Таъкид гардид, ки иқтисоди «сабз» модели рушди иқтисодиест, ки ба истифодаи самараноки захираҳо, коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона шудааст. Ин модели иқтисодӣ бо консепсияи рушди устувор робитаи ногусастанӣ дошта, ҳадафи асосии он таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад.

Ҳамзамон, зикр шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони обӣ ва иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ буда, барои рушди энергетикаи аз ҷиҳати экологӣ тоза имкониятҳои васеъ дорад. Истифодаи самараноки ин имкониятҳо, ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ, татбиқи технологияҳои муосир ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ метавонанд дар суръат бахшидан ба раванди гузариш ба иқтисоди «сабз» нақши муҳим дошта бошанд.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ШАХСИЯТИ НОТАКРОРИ ТАЪРИХ

(БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Дар таърихи ҳар як миллат шахсиятҳое зуҳур мекунанд, ки номашон бо сарнавишти халқ ва Ватан пайванди ногусастанӣ пайдо менамояд. Барои мардуми шарифи тоҷик чунин шахсият Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Бе муболиға, ӯ шахсияти барҷастаи таърихӣ ва Пешвои миллат аст, ки маҳз дар ҳассостарин лаҳзаҳои ҳастии миллат масъулияти бузурги давлатдориро ба дӯш гирифта, барои ҳифзи давлатдории тоҷикон ва наҷоти кишвар аз вартаи нобудӣ нақши ҳалкунанда гузоштааст.

Ба ифтихори ин санаи муҳим ва бо назардошти аҳаммияти таърихии ниҳоди президентӣ ҳамасола 16 ноябр дар саросари кишвар Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳтирому ифтихор таҷлил карда мешавад. Аммо чаро маҳз 16 ноябр ҳамчун Рӯзи Президент интихоб гардидааст? Посухи ин суолро бояд дар саҳифаҳои тақдирсози таърихи навини миллат ҷустуҷӯ кард. Воқеан, ин сана тасодуфӣ интихоб нашудааст. Маҳз дар ҳамин рӯз дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олӣ ба кори худ оғоз намуд. Дар ҷараёни ин иҷлосия вакилони мардумӣ сарнавишти давлатро ба дасти фарзанди фарзонаи халқ - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориданд. Баъдан, Пешвои миллат бори нахуст ба ҳайси Президенти Тоҷикистон дар назди халқу Ватан савганди садоқат ёд карданд. Ҳамин тариқ, 16 ноябр дар таърихи навини давлатдории тоҷикон ду рӯйдоди муҳими тақдирсозро таҷассум менамояд: оғози раванди наҷоти давлат ва шуруи марҳилаи нави давлатдории миллӣ.

Дар чунин лаҳзаҳои ҳассос миллат ба роҳбари ҷасуру хирадманд, дорои иродаи қавӣ ва масъулияти баланди миллӣ ниёз дошт. Кӣ метавонист кишварро аз ин вартаи хатар берун оварад ва мардумро ба роҳи сулҳу субот раҳнамун созад? Маҳз дар чунин шароити ниҳоят душвор шахсияте ба майдони сиёсат омад, ки ҷасорат, матонат ва иродаи устувор дошт. Бояд таъкид кард, ки Пешвои миллат дар рӯзҳое ба роҳбарии давлат интихоб гардиданд, ки ин масъулият, пеш аз ҳама, бори гарони таърихӣ ва хатари ҷиддӣ ба ҷони роҳбар буд. Ӯ метавонист ин масъулияти сангинро напазирад, аммо ҳамчун фарзанди содиқи халқ дар рӯзи душвор аз мардуми худ рӯ нагардонд. Суханони нахустини ӯ дар бораи сулҳ, оромӣ ва ба Ватан баргардонидани ҳар як гуреза буданд. Ин суханон оғози як аҳду паймони бузург бо халқ гардиданд ва тамоми фаъолияти минбаъдаи ӯ ба татбиқи ҳамин ҳадаф - расидан ба сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ равона шуд.

Боиси ифтихор аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ мавриди омӯзишу таваҷҷуҳ қарор гирифта, ҳамчун намунаи муҳими ҳалли мусолиматомези низоъҳо арзёбӣ мешавад. Аз ҳамин ҷост, ки таҷрибаи сулҳи тоҷиконро метавон намунаи ибратомӯзи ҳалли мушкилоти сиёсӣ тавассути гуфтушунид ва созиш донист. Моҳияти ин таҷриба дар як андешаи муҳим ифода меёбад: гуфтугӯ ба ҷойи силоҳ, ҳамдигарбахшӣ ба ҷойи интиқом ва ваҳдат ба ҷойи чудоӣ. Пешвои миллат дар раванди сулҳофарӣ ва муттаҳидсозии ҷомеа нақши муҳим гузошта, барои ба ҳам омадани мардуми аз ҳам чудошуда ва барқарор шудани робитаҳои иҷтимоӣ заминаи заруриро фароҳам оварданд. Дар натиҷа, Тоҷикистон ҳамчун хонаи умумии ҳамаи шаҳрвандон ба марҳилаи нави зиндагии сиёсиву иҷтимоӣ ворид гардид.

Ҷолиби таъкид аст, ки дар баробари барқарорсозии сулҳу субот Пешвои миллат барои таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон низ талошҳои зиёд ба харҷ доданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, Артиши миллӣ таъсис ёфт ва рамзҳои давлатии кишвар - Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ҳамчун муқаддасоти давлатдорӣ мақоми ҳудро пайдо карданд. Ҳамаи ин барои мардум на танҳо нишонаҳои соҳибдавлатӣ, балки рамзҳои истиқлол, озодӣ ва ифтихори миллӣ гардиданд. Ба ибораи дигар, халқи тоҷик пас аз садсолаҳо соҳиби давлати мустақили миллии ҳуд гардид ва дар шароити нави таърихӣ барои таҳкими сохторҳои давлатдорӣ, ҳифзи истиқлол ва ташаккули низоми муосири идоракунӣ замина гузошта шуд.

Яке аз хизматҳои дигари муҳим дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба эҳёи хотираи таърихӣ, ҳудшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад. Пешвои миллат пайваста ба мардум ёдовар мешаванд, ки тоҷикон ворисони тамаддуни куҳанбунёд, фарзандони фарзонаи таърих ва идомадиҳандагони анъанаҳои бузурги илмиву фарҳангӣ мебошанд. Номи бузургоне чун Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём дар ташаккули ҳудшиносии миллӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Пули миллии кишвар ба номи Сомонӣ гузошта шуд, забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ мақоми шоиста пайдо кард ва барои эҳтиром ва ҳифзи он таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид.

Дар баробари рушди иқтисодӣ ва инфрасохторӣ симои шаҳру деҳоти кишвар низ тадриҷан тағйир ёфт. Самари ин ҳама талошҳо дар кучо бештар ба назар мерасад? Ба муҳити атрофи ҳуд нигарем, метавонем тағйироти назаррасро мушоҳида намоем. Пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе дар даврони соҳибистиқлолӣ аз як шаҳри чангзада ба пойтахти муосир ва рӯ ба рушд табдил ёфт. Биноҳои маъмурию фарҳангӣ, муассисаҳои таълимӣ, беморхонаҳо, боғу гулгаштҳо ва иншооти муосири хизматрасонӣ бунёд гардиданд. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар низ сохтмони иншооти нави иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вусъат ёфта, барои бехтар гардидани шароити зиндагии мардум замина фароҳам оварда шуд. Ҳар як бинои нав, ҳар як мактабу беморхона ва ҳар як иншооти истеҳсолӣ метавонад рамзи пешрафту созандагӣ бошад.

Сарвати воқеии давлат инсон, неруи зеҳнӣ ва маънавии ҷомеа мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки масъалаҳои иҷтимоӣ, маориф, илм, ҳифзи саломатӣ ва дастгирии гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ дар сиёсати давлат аҳаммияти махсус доранд. Ғамхорӣ ба ятимону бепарасторон, кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва оилаҳои ниёзманд яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Фароҳам овардани шароити муносиб барои таҳсилу тарбия, таъмини имкониятҳои баробар ва дастгирии иҷтимоии чунин қишрҳои ҷомеа вазифаи муҳимми давлат ва ҷомеа мебошад.

Махсусан, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар масъалаҳои об, ҳифзи пираяҳҳо ва тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳуд ҷалб намудаанд. Бо пешниҳоди Тоҷикистон ва дастгирии кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид қатъномаҳои муҳим дар масъалаҳои об ва иқлим қабул гардидаанд. Ин иқдомҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар баробари ҳифзи манфиатҳои миллии ҳуд ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ низ саҳм гузоштан мехоҳад. Имрӯз масъалаи об, ки барои зиндагии инсон, рушди иқтисодиёт ва ҳифзи муҳити зист аҳаммияти ҳаётӣ дорад, ба яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, масъалаҳои ҳифзи пираяҳҳо, мубориза бо тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини рушди устувор низ аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ мебошанд. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар ин самтҳо барои баланд бардоштани нуфузи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба мушкилоти минтақаҳои кӯҳистон мусоидат мекунанд. Ин иқдомҳо, инчунин, аз масъулияти кишвар дар назди наслҳои имрӯзу оянда шаҳодат медиҳанд.

Дар баробари ин, Пешвои миллат дар баромадҳои ҳуд пайваста аз таҳдидҳои терроризм, экстремизм ва дигар зуҳуроти номатлуби замони муосир изҳори нигаронӣ намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳамкории муштарак дар мубориза бо ин хатарҳо даъват мекунанд. Таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти сулҳу субот, таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи амнияти ҷомеаро боз ҳам равшантар намуд. Аз ин рӯ, ҳифзи сулҳ, пешгирии низоъҳо ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву ҳудшиносии миллӣ аз вазифаҳои муҳимми давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.

Дар ҳақиқат, агар ба роҳи тайкардаи Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ назар андозем, як ҳақиқати муҳим равшан мегардад: рушди давлат, таҳкими сулҳу субот ва болоравии нуфузи байналмилалии кишвар натиҷаи талошҳои муштараки давлату ҷомеа ва фаъолияти пайвастаи ниҳодҳои давлатӣ мебошад. Дар ин раванд саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат ва ташаббускори як қатор иқдомҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ назаррас аст. Таърихи навини Тоҷикистон аз рӯйдодҳои муҳиме иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо дар ташаккули давлатдории миллӣ нақши ҳудро гузоштаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон роҳбари сулҳофар ва ваҳдатсоз номид, зеро дар даврони роҳбарии ӯ барои барқарор намудани сулҳу субот ва ба ҳам овардани қишрҳои гуногуни ҷомеа талошҳои пайваста анҷом дода шуданд. Маҳз сулҳу оромӣ барои мардуми Тоҷикистон имконият фароҳам оварда, ки ба зиндагии осоишта баргарданд, фарзандони ҳудро ба мактаб фиристанд, ба меҳнат машғул шаванд ва дар бунёди ояндаи кишвар саҳм гузоранд. Сулҳ неъмати бузургест, ки ҳифзу таҳкими он вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун роҳбари созанда ва бунёдкор низ шинохта шудаанд. Барқарорсозии инфрасохтори харобшуда, сохтмони роҳҳо, пулҳо, неругоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти давлат ба шумор меравад. Ин ҳама барои бехтар гардидани шароити зиндагии мардум, рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими иқтидори кишвар мусоидат мекунад. Созандагӣ ва бунёдкорӣ танҳо сохтани иншоот нест, балки фароҳам овардани



шароити муносиб барои зиндагии шоистаи мардум ва таъмини ояндаи наслҳои минбаъда мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои ҳуд пайваста ба масъалаи ватандӯстӣ, ҳифзи истиқлол ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Воқеан, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърих ва фарҳанги миллӣ, ҳифзи забони давлатӣ ва пос доштани муқаддасоти миллӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии ҳар як шаҳрванди кишвар бошанд. Зеро истиқлол танҳо неъмати ба дастомада нест, балки масъулияти бузургест, ки ҳифзу таҳкими он аз ҳар яки мо талошу садоқат талаб мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ низ рушди маориф ва илм мебошад. Дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати баланд тағйир меёбад, танҳо ҷомеаи донишманд метавонад мавқеи ҳудро ҳифз намуда, ба дастовардҳои нав ноил гардад. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани мутахассисони соҳибкасб ва рушди таҳқиқоти илмӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ҷавонони босаводу соҳибмаърифат метавонанд дар рушди иқтисод, фарҳанг, технология ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа саҳми арзанда гузоранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббусҳои гуногун дар масъалаҳои об, ҳифзи пираяҳҳо, тағйирёбии иқлим ва дигар мушкилоти глобалӣ саҳм гузоштаанд. Ин ташаббусҳо ба баланд гардидани эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва муаррифии имкониятҳои кишвар мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, онҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои хурду миёна низ метавонанд бо пешниҳодҳои созанда ва иқдомҳои мушаххас дар ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ саҳми арзанда дошта бошанд.

Пас, вазифаи ҳар як ҷавони тоҷик аз чӣ иборат аст? Пеш аз ҳама, омӯзиши пайваста, аз ҳуд кардани донишҳои замонавӣ, соҳиб шудан ба касбу ҳунар, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат. Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки ояндаи Тоҷикистон аз сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолияти созандаи онҳо вобаста аст. Ватан аз они ҳамаи мост ва ободиву пешрафти он низ ба саъю талоши ҳар яки мо вобастагӣ дорад.

Ҷовидон ХАЛИФАЗОДА,
сардори раёсати илм ва инноватсияи ДДМИТ

ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ – ЗАМИНАИ МУҲИМИ РУШДИ УСТУВОР

Ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон воситаи таълимии «Иқтисодиёти сабз» таҳия ва ба нашр омода гардидааст. Муаллифони он Солеҳзода А.А., Абдуллозода О.П., Аламшоев А. ва Фасеҳзода И.С. мебошанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии иқтисодиёт, тағйирёбии иқлим, афзоиши фишор ба захираҳои табиӣ ва зарурати таъмини амнияти экологӣ гузариш ба модели иқтисодиёти «сабз» ба яке аз масъалаҳои муҳимми илмию амалӣ табдил ёфтааст. Иқтисодиёти «сабз» ҳамчун самти афзалиятноки таъмини рушди устувор ба истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист, рушди технологияҳои аз чиҳати экологӣ тоза ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, таҳия ва нашри воситаи таълимии мазкур иқдоми саривақтӣ ва муҳим буда, дар баланд бардоштани сатҳи дониш, ташаккули ҷаҳонбинии иқтисодию экологӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибтахассус дар ин самт нақши назаррас хоҳад дошт.

Дар воситаи таълимии мазкур асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии рушди иқтисодиёти «сабз» дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, роҳу усулҳои татбиқи принсипҳои иқтисодиёти «сабз», ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин имконияту дурнамои рушди ин соҳа дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Воситаи таълимии «Иқтисодиёти сабз», пеш аз ҳама, барои донишҷӯёни ихтисоси «Иқтисодиёти сабз»-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, он метавонад ҳамчун манбаи муфиди таълимию илмӣ барои омӯзгорон, магистрантон, докторантон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёт, экология ва идоракунии захираҳои табиӣ мавриди истифода қарор гирад.

Шуъбаи иттилоот
ва нашрия

№ 9 (242) 28.11.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
9

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ТАРБИЯИ ҶАВОНОН



9 ноябри соли 2026 дар толори фарҳангии ДДМИТ бо ташаббуси факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ бахшида ба 34-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Нақши Пешвои миллат дар ташаккули худшиносии миллии ҷавонон» мулоқоти доктори илмҳои таърих, ходими ҷамъиятӣ Ширин Қурбонова бо донишҷӯён доир гардид.

Нахуст декани факултет Илҳом Неъматов дар бораи нақши шахсиятҳои таърихӣ дар сарнавишти миллату давлат андешаронӣ намуд. Ӯ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун шахсияте ёдовар шуд, ки дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ масъулияти роҳбарии давлатро ба зимма гирифта, барои раҳоии кишвар аз вартаи парокандагӣ ва барқарор намудани сулху субот талошҳои пайваста анҷом доданд.

Сипас, меҳмони чорабинӣ Ширин Қурбонова доир ба вазъи мураккаби сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият, оқибатҳои ҷанги шахрвандӣ ва мушкилоти он давра суханронӣ намуд.

Мавсуф таъкид кард, ки Истиқлоли давлатӣ сарвати бузург, ифтихор ва масъулияти ҳар як шахрванди кишвар мебошад. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои мардуми Тоҷикистон давраи бисёр сангин ба шумор рафта, ноустувории вазъи иқтисодӣ, мушкилоти иҷтимоӣ ва мухолифатҳои сиёсӣ зиндагии мардумро душвор гардонида буданд.

Ширин Қурбонова бо ёдоварӣ аз рӯйдодҳои он давра иброз дошт, ки ба арсаи сиёсат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи давлатдории тоҷикон марҳилаи навро оғоз бахшид. Дар он рӯзҳои тақдирсоз ба зиммаи роҳбари нави кишвар масъулияти бузурги ҳифзи давлатдорӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, таҳкими пояҳои мудофиавии мамлакат ва барқарор намудани сохторҳои давлатӣ вогузор гардид.

Дар идомаи мулоқот муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғаффорова баромад намуда, ба нақши таърихии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Зикр гардид, ки бо иродаи қавии сиёсӣ, хирадмандӣ, масъулиятшиносӣ ва талошҳои пайгиронаи роҳбарияти давлат барои расидан ба сулху субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуданд.

Дар идома донишҷӯён бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ баромад намуда, доир ба аҳаммияти Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ, арзиши Истиқлоли давлатӣ ва масъулияти насли ҷавон дар назди Ватан андешаҳои худро баён карданд.

Дар қисмати ҷамъбастии мулоқот Ширин Қурбонова ба як нуктаи ҷолиби таърихӣ ишора намуда, ёдовар шуд, ки ҳамагӣ 70 рӯз пас аз интихоб шудан ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон воҳӯрӣ анҷом дода буданд. Ин иқдом нишонаи таваҷҷуҳи хоссаи роҳбари давлат ба неруи созанда, нақши иҷтимоӣ ва ояндаи насли ҷавон арзёбӣ гардид.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

ҲАМОИШИ ЗАНОН БАХШИДА БА ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛӢ

16 ноябри соли 2026 бо иштироки кормандони раёсати ташкилию тарбиявӣ ва занону бонувони ДДМИТ таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми занон дар таҳкими сулху ваҳдат ва рушди давлатдории миллӣ» ҳамоиш доир гардид.



Дар ҳамоиш муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғаффорова ва дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ Қутбия Ҳомидова суханронӣ намуданд.

Зимни суханронӣ Шаҳноза Ғаффорова доир ба аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардида буд, маълумоти муфассал пешниҳод кард. Таъкид гардид, ки иҷлосияи мазкур дар марҳилаи ҳассоси таърихи кишвар барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи рушди Тоҷикистон заминаи муҳим гузошт.

Ҳамзамон, саҳми занону бонувони соҳаи илму маориф дар баланд бардоштани сатҳи дониш, ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон, тарбияи насли ватандӯсту худогоҳ ва фароҳам овардани муҳити солими маънавию ахлоқӣ муҳим арзёбӣ гардид. Зикр шуд, ки омӯзгорон дар баробари иҷрои вазифаҳои касбӣ дар ташаккули мавқеи шахрвандӣ, фарҳанги муошират ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён низ нақши муассир доранд.

Дотсент Қутбия Ҳомидова раванди расидан ба сулху ваҳдати миллӣ, талошҳои таърихӣ барои барқарор намудани суботи сиёсӣ ва аҳаммияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро, ки 27 июни соли 1997 ба имзо расидааст, мавриди баррасӣ қарор дод. Қайд гардид, ки сулху субот ва ваҳдати миллӣ аз арзишҳои муҳимми ҷомеа буда, ҳифзу таҳкими онҳо масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Дар идомаи ҳамоиш масъалаи рияоти талаботи донишгоҳ оид ба тарзи либоспӯшӣ ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги донишгоҳӣ ва нишонаи эҳтиром ба муҳити таълимӣ баррасӣ гардид. Таъкид шуд, ки сару либоси мувофиқ, тозаву озода ва мутобиқ ба талаботи муқарраргардида ифодагари фарҳанги шахсӣ, интизом ва масъулияти касбӣ мебошад. Ҳамчунин, зарурати аз ҷониби омӯзгорону кормандон нишон додани намунаи ибрат дар ин самт таъкид гардид.

Дар қисмати фарҳангии ҳамоиш донишҷӯдухтарон Париваш Ғаюрзода, Фарзона Ҷалилова, Гесу Паҳлавонова ва Шукрона Қувватова бо қироати шеърҳои пурмуҳтаво дар васфи Пешвои миллат ва Ватани азиз ба чорабинӣ ҳусни анҷом бахшиданд.

Маҳбуба ҒАФОРОВА,
мутахассиси бахши кор бо занон ва духтарони ДДМИТ

19-уми ноябри соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» миёни донишҷӯёни донишгоҳ гузаронида шуд.

Озмуни мазкур бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк”» ва дигар ташкилоти муассисаҳои дахлдор доир гардид.

ОЗМУНИ «МАЪРИФАТ ВА АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ» - ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ НАСЛИ БОСАВОДУ ОГОҲ



Озмунро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимзода ифтитоҳ намуда, ба аҳаммияти баргузории чунин иқдомҳои маърифатӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии иқтисодии ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги молиявии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард.

Зикр гардид, ки дар замони муосир, ки муносибатҳои иқтисодӣ пайваста тағйир ёфта, технологияҳои рақамӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд, доштани донишҳои молиявӣ барои ҳар як шахс зарурати воқеӣ ба шумор меравад. Қобилияти дуруст ба роҳ мондани фаъолияти молиявӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо, шинохти хавфҳо, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва муқовимат ба шаклҳои гуногуни қаллобӣ аз ҷумлаи малакаҳое мебошанд, ки имрӯз бояд дар тафаккури насли ҷавон ташаккул ёфта, пайваста такмил дода шаванд.

Баргузории чунин озмунҳо барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалии донишҷӯён, рушди тафаккури таҳлилию иқтисодӣ, ташаккули малакаҳои касбӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Сипас, сардори раёсати илм ва инноватсия Ҷовидон Халифазода иштирокчиёнро бо номинатсияҳо, шарту талаботи озмун, тартиби баргузорӣ ва меъёрҳои баҳогузорӣ шинос намуда, ба донишҷӯён дар роҳи санҷиши дониш ва маҳорати худ барору муваффақият таманно кард.

Тибқи тартиби баргузории озмун, иштирокчиён аз рӯйи ду номинатсия - «Амнияти молиявӣ» ва «Маърифати молиявӣ» - маҳорати худро санҷиданд.

Ба таъкиди Ҷовидон Халифазода, озмун бояд барои донишҷӯён мактаби омӯзишу таҷрибаандӯзӣ, такмили қобилиятҳои инфиродӣ ва рушди рақобати солими зеҳнӣ бошад. Маҳз дар чунин фазои созанда ҷавонон имконият пайдо мекунанд, ки неруи зеҳнӣ, сатҳи омодагии касбӣ ва маҳорати худро нишон дода, аз таҷрибаи ҳамдигар баҳра баранд.

Ҳамзамон, таъмини шаффофият, холисият ва риояи меъёрҳои ягонаи баҳогузорӣ аз шартҳои муҳимми баргузории озмун арзёбӣ гардида, таъкид карда шуд, ки иштирокчиён бояд бо масъулият, эътимод ба донишҳои худ ва эҳтиром ба рақибон баромад намоянд. Зеро арзиши аслии чунин озмунҳо танҳо дар муайян намудани ғолибон нест, балки дар фароҳам овардани имконият барои рушди истеъдод, таҳкими дониш ва ҳавасмандгардонии ҷавонон ба омӯзиши пайваста ифода меёбад.

Тибқи натиҷаҳои ҷамъбастии озмун, донишҷӯёни фаъолу соҳибистеъдод аз рӯйи ду номинатсия ҷойҳои ифтихориро ишғол намуданд.

Аз рӯйи номинатсияи «Амнияти молиявӣ» ҷойи якум ба Собиров Сироҷ ва ҷойи дуюм ба Бозоров Муртазо, донишҷӯёни курси дуюми факултети молия ва иқтисод сазовор дониста шуданд. Ҷойи сеюм ба Давлатов Бежан ва ҷойи сеюм ба Азизов Умедҷон, донишҷӯёни факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ лоиқ донист шуданд.

Аз рӯйи номинатсияи «Маърифати молиявӣ» ҷойи якум ба Калонов Далер, донишҷӯи курси чоруми факултети молия ва қарз, ҷойи дуюм ба Акобиров Саидмумин, донишҷӯи курси чоруми факултети ҳисобдорӣ ва омор, ҷойҳои сеюм ба Мирзоев Насрулло, донишҷӯи курси чоруми факултети фаъолияти гумрук ва амнияти иқтисодӣ ва ҷойи сеюм ба Суфизода Субҳия, донишҷӯи курси якуми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ насиб гардид.

Ҳамаи ғолибони озмун барои ишғоли ҷойҳои ифтихорӣ бо дипломҳои дараҷаҳои якум, дуюм ва сеюм қадрдонӣ гардида, ба даври ҷумҳуриявии озмуни мазкур роҳхат гирифтанд.

Савринисо ДАВЛАТОВА

ПАРЧАМИ МИЛЛӢ - ОИНАИ ШУКӮҲИ ДАВЛАТДОРӢ ВА РАМЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛАТ



Парафшонии Парчами давлатӣ танҳо манзараи бошукӯҳи идона нест, балки ифодаи зиндаи ҳастии миллат, арҷгузорӣ ба таърих ва масъулияти наслҳо дар назди оянда-ои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар сарнавишти ҳар як миллат рӯйдодҳое ҳастанд, ки аҳаммияти онҳо аз доираи як воқеаи таърихӣ фаротар рафта, ба рамзи ҳастӣ, сарбаландӣ ва ифтихори миллӣ табдил меёбанд. Қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чумлаи чунин рӯйдодҳои сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад. 24 ноябри соли 1992 дар таърихи давлатдории навини тоҷикон саҳифаи тозае боз гардид. Парчами серангаи Тоҷикистон ҳамчун рамзи истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва ягонагии давлату миллат мақоми мукаддас пайдо намуд.

Парчами миллӣ аз нигоҳи маъно танҳо маҷмӯи рангҳо ва нишонаҳо нест. Он забони хомӯши таърих буда, аз гузаштаи пурифтихори миллат, талошҳои озодихоҳонаи мардум ва ормонҳои давлатдории тоҷикон қисса мекунад. Ҳар боре, ки Парчами давлатӣ дар фазои кишвар парафшон мегардад, дар қалби шахрвандон эҳсоси ифтихор аз ватандорӣ, худшиносии миллӣ ва масъулият дар назди сарзамини аҷдодӣ неруи тоза пайдо мекунад.

Рангҳои Парчами давлатӣ дорои мазмуну муҳтавои амиқи рамзӣ мебошанд. Ранги сурх ҷасорат, мубориза ва талошҳои таърихии халқро дар роҳи озодиву истиқлолият ифода менамояд. Ранги сафед рамзи покӣ, сулҳу осоиштагӣ ва нияти неки мардум аст. Ранги сабз бошад, табиат, сарсабзӣ, ҳаёт ва умед ба фардои ободу дурахшонро таҷассум менамояд. Тоҷ ва ҳафт ситора низ рамзи давлатдорӣ, соҳибихтиёрӣ, вахдат ва фарҳанги куҳани миллати тоҷик мебошанд.

АЗ ЭҲТИРОМИ РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ ТО МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

Ба андешаи мо, бузургтарин арзиши Парчами миллӣ дар он таҷассум меёбад, ки он ҳар як шаҳрвандро ба андеша дар бораи масъулияти шахсии худ дар назди давлату миллат водор месозад. Эҳтиром ба Парчам набояд танҳо бо гузоштани даст ба сина ва иштирок дар чорабиниҳои идона маҳдуд гардад. Ин эҳтиром бояд дар муносибати мо ба меҳнат, риояи тартиботи ҷамъиятӣ, омӯзишу маърифат, тарбияи фарзандон ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватан зоҳир шавад.

Вақте ки мо аз мукаддас будани Парчами миллӣ сухан мегӯем, пеш аз ҳама бояд дарк намоем, ки ҳифзи арзишҳои давлатдорӣ вазифаи умумии тамоми ҷомеа мебошад. Ҳар як омӯзгоре, ки насли босаводу соҳибмаърифатро тарбия мекунад, ҳар як модаре, ки фарзанди ватандӯсту худогоҳро ба камол мерасонад ва ҳар як ҷавоне, ки бо дониш, малака ва меҳнати созандаи худ дар пешрафти кишвар саҳм мегузорад, дар таҳкими поягоҳи давлатдории миллӣ нақши арзандаи худро мегузорад.

Дар ин замина, тарбияи ҳисси худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар байни ҷавонон аҳаммияти махсус дорад. Насли ҷавон бояд на танҳо таърихи Парчами давлатиро донад, балки мазмуну арзишҳои онро дар зиндагии ҳаррӯзаи худ ҳамчун роҳнамои фаъолияти шаҳрвандӣ қабул намояд. Зеро ояндаи миллат ва давлат ба сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маърифату фарҳанг ва масъулиятшиносии ҷавонони имрӯза вобастагии зич дорад.

ПАРЧАМ ДАР ПАРТАВИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА СИЁСАТИ СОЗАНДА

Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик имконият фароҳам оварда, ки рамзҳои миллии худро эҳё намуда, мақоми худро ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Имрӯз парафшонии Парчами Тоҷикистон дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва ҳамоишҳои гуногуни ҷаҳонӣ нишонаи муаррифии давлат, эътирофи соҳибихтиёрӣ ва болоравии нуфузи он мебошад.

Дар таҳкими ин арзишҳо нақши сиёсати хирадмандона ва созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас мебошад. Таваҷҷуҳ ба эҳёи худшиносии миллӣ, ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ, таҳкими вахдати миллӣ ва устувор намудани пояҳои давлатдории миллӣ дар сиёсати давлат мавқеи муҳим дорад.

Дар ин раванд, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон низ ҳамчун неруи фаъоли сиёсӣ дар тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, вахдати миллӣ, эҳтиром ба мукаддасоти давлатӣ ва қалби шаҳрвандон ба корҳои созандагию ободонӣ саҳми худро мегузорад. Зеро муҳаббат ба Ватан бояд на танҳо шиор, балки эътиқоди устувор ва амали ҳамарӯзаи ҳар як шаҳрванд бошад.

Махсусан, занон дар тарбияи насли худогоҳу ватандӯст нақши муҳим ва муассир доранд. Модар аввалин шахсест, ки ба фарзанд маънои Ватан, эҳтиром ба забон, таърих, фарҳанг ва мукаддасоти миллиро меомӯзонад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқӣ, худшиносии миллӣ ва ҳисси масъулиятшиносии занон дар ҷомеа яке аз самтҳои муҳимми корҳои тарбиявию маърифатӣ ба ҳисоб меравад.

ПАРЧАМ - АМОНАТИ МУҚАДДАС БАРОИ НАСЛҲОИ ОЯНДА

Имрӯз ҳар яки мо бояд ба ин саволи муҳим ҷавоби амалӣ дошта бошем: барои он ки Парчами миллӣ ҳамеша бо ифтихор парафшон бошад, мо чӣ кор карда метавонем? Посух равшан аст: бо меҳнати ҳалол, донишандӯзӣ, риояи қонунҳо, ҳифзи сулҳу субот, таҳкими вахдати миллӣ ва саҳмгузорӣ дар ободии мамлакат.



Парчами миллӣ моро ба дарки як ҳақиқати муҳим раҳнамоӣ мекунад: давлат танҳо бо сарҳад ва сохторҳои расмӣ устувор наменомонад, балки неруи аслии он дар эҳсоси масъулият, ҳамбастагӣ, худшиносӣ ва садоқати шаҳрвандонаш таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, ҳифзи мукаддасоти миллӣ ва эҳтиром ба онҳо бояд ба ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги зиндагии ҳар як фарди ҷомеа табдил ёбад.

Бигзор Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар фазои сулҳу оромӣ парафшон бошад, дар қалби наслҳои ҷавон эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро тақвият бахшад ва ҳамчун рамзи ягонагии миллати тоҷик моро ба сӯи ояндаи боз ҳам ободу пешрафта раҳнамоӣ намояд.

Зеро баландии Парчами миллӣ танҳо бо сутуне, ки бар он афрохта шудааст, чен карда намешавад; баландии маънавии он дар эҳтиром, садоқат, масъулиятшиносӣ ва амалҳои созандаи фарзандони миллат таҷассум меёбад.

Гулшан АМИНЗОДА,
мутахассиси шуъбаи кор бо занони Кумитаи ичроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе

ҶАМЪБАСТИ ОЗМУНИ ДОНИШГОҲИИ «БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ МУҲОСИБӢ»

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва маҳорати касбии донишҷӯён, рушди тафаккури иқтисодӣ ва қалби онҳо ба омӯзиши амиқи илми муҳосибӣ дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон озмуни донишгоҳии «Беҳтарин донандаи муҳосибӣ» доир гардид.



Озмуни мазкур 10-уми ноябри соли равон ба муносибати Рӯзи байналмилалии муҳосибон ва 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доир шуд.

Бояд зикр намуд, ки озмуни мазкур бори нахуст дар донишгоҳ баргузор гардида, дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бо иштироки фаъоли донишҷӯён сурат гирифт. Дар он 37 нафар донишҷӯи беҳтарин аз ҳафт факултети донишгоҳ ширкат варзиданд. Иштироки васеи донишҷӯён аз факултетҳои гуногун нишон дод, ки омӯзиши илми муҳосибӣ барои тамоми самтҳои иқтисодӣ аҳаммияти муҳим дошта, ҷавонон ба азхудкунии ин соҳа таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Озмун дар ду давр баргузор гардид. Даври аввал дар шакли тестӣ сурат гирифта, иштирокчиён донишу малакаи назариявии худро вобаста ба асосҳои бахисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа санҷиданд. Аз рӯйи натиҷаҳои ин давр 12 нафар донишҷӯи беҳтарин ба даври дуюм - суҳбати шифоҳӣ роҳ ёфтанд.

Дар даври дуюм иштирокчиён қобилияти таҳлилу хулосабарорӣ, тафаккури мантиқӣ, фарҳанги суханварӣ ва малакаи ҳалли масъалаҳои амалии муҳосибиро низ нишон доданд.

Дар қисмати ҷамъбастии озмун муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳ Қутбиддин Муқимзода суханронӣ намуда, аҳаммияти касби муҳосиб ва масъулияти баланди намояндагони ин соҳаро таъкид кард.

Зимни суханронӣ мавсуф, аз ҷумла, иброз дошт, ки касби муҳосиб касби эътимод аст, зеро ҷомеа, соҳибкорон ва давлат ба рақамҳо ва маълумоти молиявие, ки муҳосибон пешниҳод мекунанд, такя менамоянд. Аз ин рӯ, ростқавлӣ, дақиққорӣ, масъулиятшиносӣ ва омӯзиши пайваста бояд шиори фаъолияти ҳар як мутахассиси соҳа бошад.

Тибқи низомномаи озмун ва дар асоси хулосаи ҳайати ҳакамон ғолибон ва соҳибони ҷойҳои ифтихорӣ муайян карда шуданд.

Боиси ифтихор аст, ки донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ бо нишон додани дониш, малака ва маҳорати баланди касбӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Аз ҷумла, ҷойҳои ифтихориро донишҷӯёни зерин соҳиб гардиданд: Эҳсонҷон Холиқулов - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125011100 - аудит ва ревизия; Марзия Мамадюсупова - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1250103 - иқтисодиёти ҷаҳон; Абдуллохӯҷа Мухторов - донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 125010801 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо; Зикриоллоҳ Асламов - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125010801 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо; Бахтиёр Боев - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125010801 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо.

Ҳамчунин, ҷойи якум ба Толибшоҳи Замон - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125010801 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо, ҷойи дуюм ба Мутриба Муҳаммадиева - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125010803 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ ва ҷойи сеюм ба Сурач Собиров - донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 125010402 - кори бонкӣ ва Дилноза Ҷаъфарова - донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 125010801 - бахисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо лоимқ дониста шуданд.

Дар баробари қадрдонии ғолибон, ба як қатор донишҷӯёни фаъол китобҳои дарсии дотсенти кафедраи бахисобгирии муҳосибӣ М. Сабзаева тақдим карда шуданд.

Бо назардошти натиҷаҳои назарраси озмуни имсола, донишгоҳ тасмим дорад, ки соли оянда онро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо қалби донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат, ташкилотҳои касбии муҳосибон ва мутахассисони амалии соҳа баргузор намояд.

Қутбиддин Муқимзода изҳори умедворӣ намуд, ки донишҷӯёни имрӯзаи ғолиб дар оянда низ донишу маҳорати худро такмил дода, дар озмуни ҷумҳуриявӣ шарафи донишгоҳро бо сари баланд ҳимоя хоҳанд кард.

Тағоймурод ЭШЗОДА

№ 9 (242) 28.11.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
11

Даврони донишҷӯиро беҳуда «лаҳзаҳои тиллоӣ»-и умри инсон наменоманд. Ин марҳалаи зиндагӣ пур аз таҷрибаҳои нав, хотираҳои фаромӯшнашаванда ва лаҳзаҳои ширину гуворост. Маҳз дар ҳамин давра инсон қадамҳои наҳустини худро ба сӯи мустақилият мегузорад, масъулиятшиносиро меомӯзад ва барои зиндагии оянда омода мешавад.



ХОБГОҲ - ХОНАИ ДУЮМИ ДОНИШҶӮ

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки донишҷӯён, бахусус ҷавонони аз минтақаҳои дурдаст барои идомаи таҳсил ба пойтахт омада, бо он рӯ ба рӯ мешаванд, таъмини ҷойи зист аст. Албатта, зиндагӣ дар канори падару модар беҳтарин аст, аммо хобгоҳ низ паҳлуҳои мусбат ва таҷрибаҳои арзишманди худро дорад.

Хобгоҳ танҳо макони зисту истироҳат нест, балки мактаби мустақилият, масъулиятшиносӣ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Дар ин ҷо ҷавонон аз минтақаҳои гуногуни кишвар зиндагӣ карда, бо фарҳангу урфу одатҳои ҳамдигар шинос мешаванд ва тарзи ҳамзистиро меомӯзанд.

Хобгоҳ ҷойи хонаи падариро гирифта наметавонад, аммо дар дурӣ аз оила барои донишҷӯён муҳити дӯстона ва эҳсоси танҳо набуданро фароҳам меорад. Дар ин ҷо дӯстӣ пайдо мешавад, шахсият ташаккул меёбад ва хотираҳое ба вуҷуд меоянд, ки солҳои зиёд дар ёд мемонанд.

Дар хобгоҳҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ барои зисту истироҳат ва омодагии донишҷӯён ба дарсҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамзамон, бархе донишҷӯён зиндагӣ дар манзили иҷороро афзал медонанд. Озодии бештар аз бартариҳои он бошад, нархи баланди иҷора ва хароҷоти коммуналӣ аз мушкилоти асосии чунин тарзи зиндагӣ ба шумор мераванд.

Пас, барои донишҷӯ хобгоҳ беҳтар аст ё хонаи иҷора? Ба ин савол худи донишҷӯён чунин посух медиҳанд.

Соҳиба Субҳонзода,
донишҷӯи курси чоруми
факултети молия ва қарз:



«Хобгоҳ хонаи дуюми ман аст. Дар тӯли чор соли зиндагӣ дар ин ҷо аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дӯстони зиёде пайдо кардам. Албатта, дурӣ аз падару модар ва пазмонии хонаи падарӣ баъзан инсонро дилтанг мекунад, аммо меҳрубонӣ ва дастгирии ҳамхонаҳо ин эҳсосро сабуктар мегардонад.

Мо якҷоя дарс тайёр мекунем, суҳбат менамоем ва шодиву ғами худро бо ҳам тақсим мекунем. Ҳамчунин, ғамхорӣ ва муносибати падаронаи коменданти хобгоҳ, Холмуродов Худойдод, моро водор месозад, ки ин маконро бештар дӯст дорем.

Ба андешаи ман, хобгоҳ воқеан хонаи дуюми донишҷӯ аст, зеро дар он дӯстони хуб пайдо мекунем ва хотираҳои фаромӯшнашаванда ба ёдгор мегузорем».

Оминаи Маҳмадалӣ,
донишҷӯи курси чоруми
факултети муносибатҳои
иқтисодии байналмилалӣ:

«Соли 2023 ба донишгоҳ дохил шуда, аз ноҳияи Балҷувон ба Душанбе омадам.



Рӯзи аввале, ки ба хобгоҳ қадам гузоштам, ҳаяҷон доштам ва каме ҳам тарс ҳис мекардам. Аммо бо гузашти вақт ин макон ба хонаи дуюми ман табдил ёфт.

Дар хобгоҳ дӯстону ҳамхонаҳое пайдо кардам, ки аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон омадаанд. Гарчанде лаҳҷа ва расму оини мо фарқ мекунанд, дар як муҳит зиндагӣ карда, шодиву ғамро бо ҳам тақсим менамоем.

Хобгоҳ мактаби зиндагист. Дар ин ҷо нигоҳубини худро меомӯзем, вақтамонро дуруст тақсим мекунем ва масъулиятро ба дӯш мегирем. Шабҳои омодагӣ ба имтиҳонҳо, дастгирии ҳамхонаҳо ва ҷашнҳои якҷоя аз ҷумлаи хотираҳои ширини зиндагии мо мебошанд.

Вақте донишгоҳро хатм карда, ба зиндагии нав қадам мегузорем, бо худ на танҳо дониш, балки хотираҳои гарму ширинро низ мебарем. Аз ин рӯ, хобгоҳ барои ман хонаи дуюм аст».

Алиҷон Сулаймонзода,
донишҷӯи курси якуми факултети
муносибатҳои иқтисодии
байналмилалӣ:



«Соли 2026 ба донишгоҳ дохил шуда, аз рӯзҳои аввал дар хобгоҳ зиндагӣ мекунам. Ман аз ноҳияи Файзобод омадам. Рӯзи аввал дурӣ аз падару модар ва диёри азиз бароям душвор буд. Ҳама чиз наву бегона менамуд, аммо меҳрубонии ҳамхонаҳо эҳсоси ғарибиро аз дилам дур кард.

Бузургтарин сарвати хобгоҳ барои ман дӯстони нав мебошанд. Мо аз гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон омадаем ва аз ҳамдигар урфу одат, суруду шеър ва анъанаҳои миллиро меомӯзем.

Хотираҳои наҳустини зиндагӣ дар хобгоҳ, аз ҷумла шоми аввалини якҷоя, ба дарс рафтан ва шабҳои омодагӣ ба машғулиятҳо, бароям хеле азизанд.

Ҳар шом бо модарам суҳбат мекунам. Вақте мегӯям, ки дар хобгоҳ танҳо нестам ва ҳамхонаҳоям нисбатам ғамхорӣ мекунанд, ӯ низ ором мешавад. Ин нишон медиҳад, ки хобгоҳ ва хонаи падару модар, ҳарчанд аз ҳам дур бошанд ҳам, бо риштаи меҳру муҳаббат пайванданд».

Фарзона Шерализод,
донишҷӯи курси якуми факултети
менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ:



«Хобгоҳи №2-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ташаккули муҳити солими донишҷӯӣ нақши муҳим дорад.

Ҳамчун сокини ин хобгоҳ метавонам бигӯям, ки аз шароити зиндагӣ қаноатмандам. Ба тозагӣ, тартибу низом ва фароҳам овардани муҳити муносиб таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир мегардад.

Хобгоҳ барои ман танҳо макони зист нест, балки оғози зиндагии мустақилона ва макони пайдо кардани дӯстони нав мебошад. Орзу дорам, ки донишҳои амиқ андӯхта, ҳамчун мутахассиси соҳибихтисос ба диёрам - Файзобод баргашта, дар рушди он саҳм гузорам».

Мукаррама Саидзода,
донишҷӯи курси чоруми
факултети молия ва қарз:

«Инак, чор сол мешавад, ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекунам. Дар ин муддат хобгоҳ ба муҳити ошно ва пур аз хотираҳои нек табдил ёфтааст.



Зиндагӣ дар хобгоҳ ба ман мустақилият, масъулиятшиносӣ, сабру таҳаммул ва эҳтироми дигаронро омӯхт. Дар ин ҷо фаҳмидам, ки баъзан одамони дар аввал бегона бо рафтори нек ва ғамхории худ чунон наздик мешаванд, ки гӯё аъзои як оила бошанд.

Дар ин муддат дастгирӣ ва ғамхории коменданти хобгоҳ, муҳтарам Холмуродов Худойдод, барои мо хеле муҳим буд. Барои муносибати нек, масъулиятшиносӣ ва таваҷҷуҳашон нисбат ба донишҷӯён миннатдории худро баён менамоям.

Шояд рӯзе ин маконро тарк карда, ба зиндагии нав қадам гузорам, аммо дӯстони азиз, хотираҳои ширин ва лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи дар хобгоҳ сипарикардаам ҳамеша дар қалбам бокӣ хоҳанд монд. Барои ман хобгоҳ воқеан хонаи дуюм аст».

Ҷамолиддин Тураев,
донишҷӯи курси сеюми
факултети ҳисобдорӣ ва омор:



«Таъмини донишҷӯён бо ҷойи зисти муносиб яке аз самтҳои муҳими дастгирии иҷтимоии онҳо мебошад. Зеро шароити хуби зиндагӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ бо хотири ҷамъ ба таҳсил ва омӯзиши илм машғул шавад.

Тозагӣ, ободонӣ, тартибу низом ва муҳити ором аз хусусиятҳои муҳими хобгоҳ ба шумор мераванд. Фароҳам овардани чунин шароит таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ояндаи донишҷӯён нишон медиҳад.

Ҳамзамон, идора ва нигоҳубини хобгоҳ масъулияти зиёд, сабру таҳаммул ва муносибати хуб бо одамонро талаб мекунад. Аз ин рӯ, заҳмати шахсоне, ки барои фароҳам овардани муҳити муносиб ва ҳалли мушкилоти донишҷӯён саҳм мегузоранд, сазовори қадршиносист.

Хобгоҳ танҳо макони зист нест, балки мактаби воқеии зиндагӣ мебошад, ки дар он мустақилият, масъулиятшиносӣ ва эҳтироми ҳамдигар ташаккул меёбанд».

Охирсухан. Ҳамин тавр, фароҳам овардани шароити муносиб барои зиндагии донишҷӯён яке аз омилҳои муҳими таъмини таҳсилоти босифат ва рушди шахсияти онҳо мебошад. Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки дар хобгоҳҳои №1 ва №2-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои зист, истироҳат ва омодагӣ ба дарсҳо шароити зарурӣ муҳайё гардидааст.

Тағоймурод ЭШЗОДА

ЛОЛА ВА СИЁҲГӮШ - ПАЙВАНДИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ЭКОЛОГӢ

Дар ҳошияи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2026, №1231

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21 октябри соли 2026, №1231 гулҳои Лола ва Сиёҳгӯш «гулҳои миллӣ» эълон гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чиҳати муаррифии онҳо дар чорабиниҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ вазифаҳои дахлдор вогузор карда шуданд.

Аҳаммияти ин иқдомро метавон дар пайванди се самти муҳим арзёбӣ намуд: арҷгузорӣ ба мероси фарҳангӣ, муаррифии симои миллии Тоҷикистон ва ташаккули муносибати масъулона ба табиат.

Банди якуми фармон мақоми гулҳои миллиро муайян намуда, банди дуюм татбиқи тадбирҳои заруриро барои тарғибу муаррифии онҳо пешбинӣ мекунад. Ҳамзамон, дар матни фармон муҳлати ичро, манбаъҳои маблағгузорӣ, рӯйхати мушаххаси муассисаҳои масъул ва нишондиҳандаҳои арзёбии натичаҳо муфассал муайян нашудаанд.

Таҳлили ҳуқуқии ин масъала риояи дақиқии истинод ба санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тақозо мекунад. Моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятҳои Президенти кишварро муайян намуда, моддаи 70 тартиби баровардани фармон ва амрҳои Президентро пешбинӣ менамояд.

Ҳамчунин, фарқ гузоштан миёни мафҳумҳои «гулҳои миллӣ» ва «рамзҳои давлатӣ» муҳим мебошад. Мувофиқи моддаи 3-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ рамзҳои давлатии кишвар мебошанд. Фармони мазкур бошад, ба ин рӯйхат тағйирот ворид намекунад. Аз ин лиҳоз, Лола ва Сиёҳгӯшро метавон ҳамчун рамзҳои табиию фарҳангии миллӣ муаррифӣ намуд, аммо мақоми онҳоро бо мақоми конститутсионии рамзҳои давлатӣ яксон донистан дуруст нест.

Заминаи ҳуқуқию маънавии ин иқдом бо меъёрҳои конститутсионии ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ ва табиӣ низ робитаи зич дорад. Моддаи 40-и Конститутсия ҳифзи сарватҳои таърихию фарҳангиро ба зиммаи давлат вогузор намуда, моддаи 44 вазифаи ҳифзи табиат ва ёдгориҳои таърихию фарҳангиро масъулияти ҳар як шахс медонад.

Дар шарҳи расмии фармон Сиёҳгӯш ҳамчун муждарасони баҳор ва тачассумгари ҳофизаи таърихию асотирӣ, Лола бошад, ҳамчун рамзи рӯйсурхӣ, ҳусну латофат ва шукуфоии табиат маънидод шудааст. Ин ду рамз аз чиҳати маъноӣ якдигарро пурра намуда, имконият медиҳанд, ки симои табиию фарҳангии Тоҷикистон бо мазмунҳои гуногун ва ба ҳам пайваста муаррифӣ гардад.

Пайванди Сиёҳгӯш бо устураи Сиёвуш дар тафсирҳои фарҳангӣ ба ривоятҳои поктинатӣ, адолатхоҳӣ ва қурбонии бегуноҳӣ такя мекунад. Албатта, ин робита хусусияти асотирӣ ва рамзӣ дошта, набояд ҳамчун шарҳи илмии пайдоиши рустанӣ пешниҳод гардад. Фарқ гузоштан миёни ривоятҳои мардумӣ ва далелҳои ботаникӣ арзиши мероси маънавиро коҳиш намедиҳад. Баръакс, чунин муносибат барои ба насли чавон бо эҳтиром ва дар айни замон бо риояи меъёрҳои илмӣ пешниҳод намудани арзишҳои миллӣ замина фароҳам меорад.

Арҷгузорӣ ба Лола низ бо анъанаҳои мардумии «Сайри гул» робитаи таърихӣ дорад. Дар шарҳҳои фарҳангӣ сайри гули лола бо суннатҳои наврӯзӣ ва сайри гули сурх пайванд дода мешавад. Дар даврони муосир низ озмуни чумҳуриявии «Сайри гули лола» дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018 роҳандозӣ гардида, он дар солҳои 2019-2021 баргузор гардид.



Аз ин рӯ, эълон гардидани Лола ва Сиёҳгӯш ба сифати гулҳои миллӣ метавонад ҳамчун идомаи мантиқии тадбирҳои қаблан андешидашуда дар самти эҳёи суннатҳои миллӣ, ободонии муҳити зист ва ташаккули фарҳанги экологӣ арзёбӣ гардад.

Наврӯз, ки дар Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО ҳамчун унсури муштараки фарҳангии чандин кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, сабт шудааст, имконияти муносиберо барои муаррифии гулҳои миллӣ дар чорабиниҳои байналмилалӣ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки мақоми байналмилалии Наврӯз маънои онро надорад, ки худи Лола ва Сиёҳгӯш низ ба таври алоҳида ба феҳристи мазкур ворид шудаанд. Мақоми онҳо ҳамчун гулҳои миллӣ аз санади дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Ҷанбаи дигари муҳими масъала пайванди муаррифии гулҳои миллӣ бо сиёсати экологӣ ва рушди устувор мебошад. 21 октябри соли 2026 Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба имзо расидааст, ки ба такмили танзими муносибатҳои экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, тадбирҳои марбут ба муаррифии гулҳои миллӣ бояд бо талаботи қонунгузории экологӣ ва принсипҳои ҳифзи гуногунии биологӣ ҳамоҳанг бошанд.

Аз ҷумла, дар чорабиниҳои оммавӣ истифодаи гулҳои дар гулхонаҳо парваришшуда, аксҳо, тасвирҳои рақамӣ ва нақшу нигори ороишӣ бояд авлавият дошта бошад. Ҷамъоварии гулҳои нодири худрӯй набояд ҳамчун воситаи муаррифӣ ё ороиши чорабиниҳо ташвиқ карда шавад. Баръакс, бояд дар ҷомеа фарҳанги эҳтиёткорӣ ва масъулияти шахрвандӣ нисбат ба рустаниҳои табиӣ ташаккул дода шавад.

Эълон гардидани Лола ва Сиёҳгӯш ҳамчун гулҳои миллӣ имконияти муҳимест барои пайвастани арзишҳои фарҳангӣ, донишҳои илмӣ ва масъулияти экологӣ. Ин иқдом метавонад дар таҳкими ҳувияти миллӣ, эҳёи суннатҳои мардумӣ, рушди маърифати экологӣ ва муаррифии симои табиию фарҳангии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ саҳми назаррас гузорад.

Дар ниҳояти кор, арҷгузории воқеӣ ба Лола ва Сиёҳгӯш аз шинохти дурусти илмӣ, эҳтиром ба таърихи фарҳангӣ ва ҳифзи муҳити табиии сабзиши онҳо оғоз меёбад. Маҳз дар ҳамин пайванд моҳияти аслии гулҳои миллӣ ҳамчун рамзи зебоӣ, ҳувияти миллӣ ва масъулияти шахрвандӣ тачассум меёбад.

Сиёвуш ҲАБИБЗОДА,
сардори раёсати ташкилию тарбиявии ДДМИТ

МАШҒУЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ:

БАРРАСИИ ПАРВАНДА ДАР СУДИ ИҚТИСОДИИ МАРҲИЛАИ ЯКУМ

Омӯзиши ҳуқуқ замоне самараи воқеӣ ба бор меорад, ки донишҳои назариявӣ бо тачрибаи амалӣ пайванди ногусастанӣ дошта бошанд ва ҳар як меъёри қонун дар шуури донишҷӯ ҳамчун воситаи ҳифзи адолат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таҳкими волоияти қонун чойгоҳи устувор пайдо намояд. Маҳз бо дарназардошти ин ҳадафи муҳим, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва фароҳам овардани муҳити ба фаъолияти воқеии мақомоти судӣ наздик дар раванди омодасозии мутахассисони ояндаи соҳаи ҳуқуқ аҳаммияти хосса дорад.

Дар ин замина, ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Начибуллои Сайвалӣ дар толори таълимӣ-тачрибавии мурофиаи судии донишгоҳ барои донишҷӯёни ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқ (1-260102) дарси қушодро дар мавзуи «Баррасии парванда дар суди иқтисодии марҳилаи якум. Баррасии даъво» баргузор намуд.



Дарси қушод бо истифода аз усули тақлидии мурофиаи судӣ ташкил гардида, ба иштирокчиён имкон фароҳам овард, ки раванди баррасии баҳси иқтисодӣ, тартиби мурофиавии фаъолияти суд ва мавқеи ҳуқуқии тарафҳоро дар шароити ба амалияи воқеии судӣ наздик омӯзанд.

Дар мурофиаи намунавӣ иштирокчиён нақшҳои мурофиавии зеринро ичро намуданд: раисикунандаи маҷлиси судӣ - Шоҳимардонзода Муҳаммад Азаматшоҳ, котиб - Тошева Фараҳноз Худойназаровна, намояндаи даъвогар - Раҳимзода Аҳмад Абдуқодир ва ҷавобгар - Каримов Ориён Хуршедович.

Дар ҷараёни мурофиаи тақлидӣ марҳилаҳои асосии баррасии парванда дар суди иқтисодии марҳилаи якум пайдарпай тачассум ёфтанд. Аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба оғози маҷлиси



судӣ, санҷиши ҳозиршавии иштирокчиён, муайян намудани шахсияти тарафҳо, санҷиши ваколатҳои намояндагон, тавзеҳи ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ, шунидани баёноти тарафҳо ва баррасии талаботи даъвогӣ мавриди омӯзиши амалӣ қарор гирифтанд.

Тағоймурод ЭШЗОДА

№ 6 (239) 3.06.26
Камоли одамӣ дар илм бошад
Молия ва иқтисод
13

ПАРЧАМИ МИЛЛӢ - РАМЗИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛИИ ТО ИКОН

Барои Тоҷикистону тоҷикистониён моҳи ноябр моҳи хотирмон ва тақдирсоз ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин моҳ Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб баргузор гардид. Дар ҷараёни ин иҷлосия, ки 16 ноябри соли 1992 ба кори худ оғоз намуд, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд. Ҳамчунин, 24 ноябри соли 1992 Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ қабул гардид.



Дар фарҳанги тоҷикон мафҳуми парчам таърихи кӯҳан дорад. Яке аз намунаҳои машҳури он қиссаи Коваи оҳангар дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Тибқи ривоят, Коваи оҳангар пас аз аз даст додани фарзандонаш ва аз зулму ситами Заҳҳоки бедодгар ба сутӯҳ омада, чарми пешбанди худро ҳамчун дирафш баланд мекунад ва мардумро ба мубориза бар зидди зулму истибдод даъват менамояд. Ин рамз дар таърихи адабию фарҳангии мо бо номи «Дирафши ковиён» маъруф аст. Тасвири он имрӯз дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷой дошта, ҳамчун ифодаи пайванди давлатдории муосир бо решаҳои таърихӣ маънидод мегардад.

Бояд таъкид кард, ки ин пайванди рамзӣ ва фарҳангӣ мебошад, на идомаи мустақими як парчам аз давраҳои қадим то имрӯз. Парчами давлатии имрӯзаи Тоҷикистон дар марҳилаи муайяни таърихӣ ва дар асоси қарори мушаххаси ҳуқуқӣ қабул гардидааст.

Дар даврони шуравӣ Тоҷикистон аз чанд навъи парчами давлатӣ истифода кардааст. Парчами охирини Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1953 қабул гардида буд. Он матои сурх бо тасвири досу болға ва ситораи панҷгӯша буда, дар қисми поёнии он раҳҳои сафеду сабз ҷой доштанд. Дар тафсири расмии он замон ранги сафед бо пахтакорӣ ва ранги сабз бо боғу кишоварзии ҷумҳурӣ алоқаманд карда мешуд. Рангҳои сурх, сафед ва сабз дар парчамҳои як қатор халқҳои ҳавзаи фарҳангии эронӣ низ ба назар мерасанд ва дар баъзе таҳлилҳои таърихию фарҳангӣ ҳамчун рангҳои дорои пайванди муштараки тамаддунӣ арзёбӣ мешаванд.

Пас аз эълони истиқлоли давлатӣ 9 сентябри соли 1991 парчами ҶШС Тоҷикистон то қабули рамзи нави давлатӣ мавриди истифода қарор дошт. Аммо вазъи мураккаби сиёсӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ раванди ташаккули рамзҳои нави давлатиро душвор гардонд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми таҳияи парчами нав аз таҷрибаи таърихӣ ва рангҳои шинохтаи парчами пешин истифода шуд. Муаллифони он бо нигоҳ доштани рангҳои сурх, сафед ва сабз шакл ва муҳтавои рамзро тағйир доданд. Ин раванд ҳам пайванди таърихӣ бо гузашта ва ҳам гузариш ба низоми нави давлатдории соҳибистиқлолро ифода менамуд.

Аҳамияти қабули Парчами давлатӣ ба шароити мураккаби сиёсии ҳамон даврa низ вобастагӣ дошт. Соли 1992 дар баъзе минтақаҳои кишвар даргириҳои мусаллаҳона идома доштанд ва зарурати таҳкими асосҳои ҳуқуқию сиёсии давлатдорӣ, аз ҷумла муайян намудани рамзҳои расмии давлати соҳибистиқлол, ба миён омада буд. Қабули Парчами давлатӣ дар чунин шароит яке аз рӯйдодҳои муҳимми таърихи навини кишвар гардид.

Баъдан ин сана ба тақвими расмии ҷашнҳои давлатӣ ворид карда шуд. Мувофиқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» воридгардида, 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид. Ҳамин тариқ, ҷашни расмии Парчам тақрибан ҳабдаҳ сол пас аз қабули он таъсис дода шуд.

Таҷрибаи таърихии солҳои навадуми асри XX нишон дод, ки мавҷудияти рамзи умумимиллӣ барои ҷомеае, ки аз буҳрони сиёсӣ ва низоъҳои дохилӣ берун меояд, аҳамияти махсус дорад. Парчам метавонад шаҳрвандонро новобаста аз минтақаи зист, мавқеи иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинӣ дар атрофи як ҳувияти умумии давлатӣ муттаҳид созад. Дар сиёсати давлатӣ ва муҳтавои матбуоти расмӣ Парчам бо мафҳумҳои сулҳ, ваҳдати миллӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлол пайванди ногусастанӣ дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар суханрониҳои худ борҳо зарурати муттаҳидӣ ва сарҷамъии шаҳрвандонро дар зери Парчами давлатӣ таъкид намудаанд.

Аз нигоҳи таҳлилӣ, худи Парчам наметавонад ба таври худкор ваҳдатро ба вуҷуд оварад. Он бештар ваҳдатеро, ки ҷомеа ба даст овардааст ё барои таҳкими он талош мекунад, тачассум намуда, ҳамчун рамзи умумии ҳамбастагӣ хизмат менамояд. Аз ин рӯ, эҳтиром ба Парчами давлатӣ бояд бо эҳтиром ба қонун, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ пайванди ногусастанӣ дошта бошад.

Яке аз намунаҳои барҷастаи арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ бунёди сутуни бузурги Парчам дар шаҳри Душанбе мебошад. Ин иншоот соли 2011, дар арафаи таҷлили 20-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди истифода қарор гирифт. Баландии сутуни Парчам 165 метр буда, андозаи худи матои Парчам 60 ба 30 метрро ташкил медиҳад. Он дар замони бунёд баландтарин сутуни парчам дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид гардид. Ин иншооти муҳташам таҷассумгари эҳтироми давлату ҷомеа ба яке аз муқаддасоти миллӣ мебошад.

Манзура ҲАСАНОВА,
Илҳомиддин МИРЗОЕВ,
устодони кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ

ФАЛСАФАИ ОДОБИ САЛОМ

Дар таърихи тамаддуни башарӣ муносибатҳои инсонӣ ҳамеша дар заминаи меъёрҳои муайяни ахлоқӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд. Яке аз муҳимтарин меъёрхое, ки дар тамоми даврaҳои рушди ҷомеа аҳаммияти худро нигоҳ доштааст, одоби салом мебошад. Салом нахустин воситаи барқарор намудани робитаи маънавӣ миёни одамон, нишонаи эҳтироми мутақобила ва ифодагари муносибати некбинона ба шахсияти инсон ба шумор меравад.



Агар ба моҳияти салом аз нигоҳи фалсафӣ назар андозем, маълум мегардад, ки ин амали зоҳиран одӣ мазмуни амиқ дорад. Инсон ҳангоми салом додан, пеш аз ҳама, мавҷудият, мақом ва арзиши шахси дигарро эътироф менамояд. Ӯ тавассути як калима ё ишораи эҳтиром муносибати худро ба ҳамсуҳбат ифода карда, барои оғози робитаи мусбат замина фароҳам меорад. Аз ин рӯ, саломро метавон ҳамчун шакли ибтидоии эътирофи иҷтимоии инсон маънидод намуд. Маҳз тавассути чунин муносибат афрод аз ҳолати бегонагӣ ба марҳалаи шиносоӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва муошарати созанда ворид мешаванд.

Дар фарҳанги миллии тоҷикон салом додан аз қадим ҳамчун яке аз нишонаҳои асосии одобу ахлоқи ҳамида эътироф шудааст. Оила, мактаб, муҳити иҷтимоӣ ва анъанаҳои мардумӣ дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтироми калонсолон, арҷгузорӣ ба шахсияти дигарон ва риояи қоидаҳои муошират нақши муҳим доранд. Ибораҳои мардумии «Аввал салом, баъд калом» ва «Салом аз хурд, чавоб аз калон» ифодагари ҷойгоҳи баланди ин арзиши ахлоқӣ дар шуури ҷамъиятӣ мебошанд.

Яке аз масъалаҳои марказии фалсафаи ахлоқ муносибати инсон ба инсони дигар мебошад. Дар ин замина саломро метавон нахустин зуҳури амалии эҳтиром ва эътирофи шахсияти дигарон арзёбӣ намуд. Моҳияти фалсафии салом, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки инсон дар шахси муқобил на танҳо иштирокчии муошират, балки мавҷуди дорои қадру қимати инсонӣ ва сазовори эҳтиромро мебинад.

Масалан, ҳангоми ворид шудани омӯзгор ба синфхона салом додани донишҷӯён танҳо иҷрои як қоидаи расмӣ нест. Ин амал метавонад ифодаи эҳтиром ба омӯзгор, қадршиносии дониш ва пазируфтани меъёрҳои ахлоқии муҳити таълим бошад. Ҳамзамон, чавоби самимонаи омӯзгор ба саломи донишҷӯён нишонаи эҳтироми мутақобила ва эътирофи шахсияти онҳо мебошад. Аз ин мисол бармеояд, ки салом муносибати яктарафаро не, балки робитаи дуҷонибаи ахлоқиро ташаккул медиҳад.

Дар фалсафаи Иммануил Кант принсипи эҳтироми инсон ҳамчун ҳадаф дар худ ҷойгоҳи муҳим дорад. Тибқи ин дидгох, инсон набояд танҳо воситаи расидан ба мақсадҳои шахси дигар ҳисобида шавад. Гарчанде Кант назарияи махсусеро дар бораи саломдиҳӣ пешниҳод накардааст, принсипи мазкурро метавон барои шарҳи фалсафии одоби салом истифода намуд.

Салом додан ба шахси дигар, новобаста ба мансаб, дороӣ, синну сол ё мақоми иҷтимоии ӯ, метавонад шакли одии амалисозии эҳтиром ба шаъну шарафи инсон бошад. Аз ин мавқеъ салом дорои чанд маънои муҳимми фалсафӣ мебошад:

Эътирофи мавҷудияти дигарон: инсон бо салом нишон медиҳад, ки ҳузури шахси дигарро нодида намегирад.

Эҳтиром ба шаъну шараф: салом метавонад нишонаи муносибати баробарҳуқуқона ва инсонгароёна бошад.

Некхоҳӣ: мазмуни аслии салом орзуи амнияту осоиштагиро дар бар мегирад.

Масъулияти ахлоқӣ: салом додан ва чавоб гуфтан риояи меъёрҳои пазируфташудаи муносибатҳои иҷтимоиро ифода мекунад.

Оғози ҳамдигарфаҳмӣ: салом заминаи равонӣ ва маънавии гуфтугӯи минбаъдаро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, фалсафаи саломро метавон фалсафаи эътироф, эҳтиром ва ҳамзистии инсонӣ номид.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини салом робитаи маъноии он бо мафҳуми сулҳ мебошад. Сулҳ дар фалсафаи иҷтимоӣ танҳо набудани ҷанг ё низоъ нест. Он ҳамчунин ҳолати ҳамдигарфаҳмӣ, эътимод, амният ва мавҷудияти муносибатҳои созандаро дар бар мегирад.

Мардуми тоҷик дар тули таърихи худ ба одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолон, меҳмоннавозӣ ва муносибатҳои неки инсонӣ аҳаммияти махсус додаанд. Дар низоми арзишҳои миллӣ саломдиҳӣ яке аз муҳимтарин нишонаҳои фарҳанги баланди муошират ба ҳисоб меравад. Дар муҳити анъанавии тоҷикон одоби салом аз айёми кӯдакӣ омӯзонида мешавад. Падару модар ба фарзандон мефаҳмонанд, ки ҳангоми вохӯрӣ бо калонсолон, омӯзгорон, ҳамсоягон ва дигар шахсон бояд бо эҳтиром салом диҳанд.

Ин анъана қоидаи рафтор, механизми интиқоли арзишҳои ахлоқӣ аз як насл ба насли дигар мебошад.

Дали илмии ин андешаро дар мақолаи Раҳимҳудоева Т.М. таҳти унвони «Воҳидҳои фразеологии формулаҳои одоби нутқ - саломдиҳӣ ва пазирой», ки соли 2023 дар «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» нашр шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Муҳаққиқ дар асоси мукоисаи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои саломдиҳӣ вобаста ба синну сол, вазъи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои фарҳангӣ фарқ мекунанд. Дар фарҳанги тоҷикон муносибати эҳтиромона ба пиронсолон яке аз нишонаҳои хоси саломдиҳӣ арзёбӣ мешавад.

Дар байни тоҷикон шаклҳои гуногуни саломдиҳӣ, аз қабили «Ассалому алайкум», «Салом», «Дуруд», «Субҳ ба хайр», «Рӯз ба хайр» ва «Шом ба хайр» маъмуланд. Ҳар яке аз ин шаклҳо вобаста ба муҳит ва муносибати иштирокчиёни муошират истифода мешавад. Масалан, ҳангоми воҳӯрӣ бо шахси калонсол салом додан бо оҳанги эҳтиромона, дар баъзе муҳитҳо гузоштани даст ба рӯйи сина ва каме хам кардани сар нишонаи арҷгузорӣ ба ҳисоб меравад. Аммо бояд таъкид намуд, ки чунин амалҳо дар ҳамаи минтақаҳо ва оилаҳо яксон нестанд. Шакли зоҳирии салом метавонад гуногун бошад, вале моҳияти асосии он - эҳтиром ва некхоҳӣ устувор мемонад.

Дар муассисаҳои таълимӣ салом додан яке аз роҳҳои ташаккули муҳити эҳтиром ва ҳамкории омӯзгорону донишҷӯён мебошад. Муошарати эҳтиромона метавонад ба беҳтар гардидани фазои равонии таълим ва таҳкими муносибатҳои мусбат мусоидат намояд.

Дар муҳити корӣ бошад, саломдиҳӣ ҷузъи муҳими одоби касбӣ ба ҳисоб меравад. Тарзи муроҷиат, оҳанги сухан, нигоҳ ва рафтори шахс ҳангоми вохӯрӣ метавонад ба таассуроти аввалини ҳамкорон, роҳбарон ва шарикони корӣ таъсир расонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии одоби салом нишон медиҳад, ки саломдиҳӣ на танҳо як шакли маъмулии муошарати инсонӣ, балки падидаи дорои мазмун ва моҳияти амиқи маънавӣ, фарҳангӣ ва тарбиявӣ мебошад. Салом ҳамчун нахустин василаи барқарор намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, пеш аз ҳама, ифодагари эҳтиром ба шахсияти инсон, эътирофи қадру қимати ӯ, некхоҳӣ ва омодагӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин нуқтаи назар, фалсафаи салом бо арзишҳои бунёдии ахлоқи инсонӣ, аз чумла инсондӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми мутақобила ва масъулияти иҷтимоӣ робитаи мустақим дорад. Аз ин рӯ, тарғибу риояи одоби салом бояд яке аз самтҳои муҳимми тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа, бахусус насли наврас ва ҷавон қарор гирад.

Хуршед НАСРИДДИНОВ,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарии ДДМИТ, номзади илмҳои таърих, дотсент

ДЕНЬ ПРЕЗИДЕНТА - СИМВОЛ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

В истории каждого независимого государства существуют знаменательные даты, которые имеют особое значение для национального самосознания, укрепления государственности и сохранения исторической памяти народа. Для Республики Таджикистан одной из таких важных дат является 16 ноября - День Президента Республики Таджикистан.



Этот праздник занимает особое место в общественно-политической жизни страны, поскольку связан с важнейшими этапами становления современной таджикской государственности, укрепления национального единства, восстановления мира и обеспечения устойчивого развития государства.

День Президента - это не только памятная дата, но и повод для осмысления исторического пути независимого Таджикистана, значения конституционного строя, государственного суверенитета, гражданского согласия и ответственности каждого гражданина за будущее своей Родины.

После обретения государственной независимости 9 сентября 1991 года Республика Таджикистан вступила в новый исторический этап своего развития. Перед молодым независимым государством возникли сложные задачи, связанные с формированием национальных институтов власти, укреплением конституционных основ, обеспечением безопасности, восстановлением экономики и сохранением территориальной целостности страны.

В 2016 году в Закон Республики Таджикистан «О праздничных днях» были внесены соответствующие дополнения, согласно которым 16 ноября было официально установлено Днём Президента Республики Таджикистан. Правовой основой учреждения праздника стал Закон Республики Таджикистан от 14 мая 2016 года № 1320.

Таким образом, 16 ноября приобрело особое значение как дата, связанная с историей становления института президентства и развитием независимого таджикского государства.

Институт президентства является одним из важнейших элементов современной политической системы Республики Таджикистан. Его деятельность осуществляется в соответствии с Конституцией страны и действующим законодательством.

Согласно статье 64 Конституции Республики Таджикистан, Президент является главой государства и гарантом Конституции, законов, прав и свобод человека и гражданина, национальной независимости, единства и территориальной целостности страны.

Одним из главных исторических уроков становления независимого Таджикистана является понимание ценности мира, стабильности и национального согласия.

Достижение мира и национального примирения стало результатом сложного переговорного процесса и усилий различных политических и общественных сил. Подписание Общего соглашения об установлении мира и национального согласия 27 июня 1997 года стало важнейшим событием в современной истории страны.

Сегодня мир, политическая стабильность и национальное единство выступают основными условиями дальнейшего развития республики.

День Президента служит поводом для осмысления исторического опыта, укрепления чувства гражданской ответственности и воспитания уважения к государственным символам, национальным традициям и историческому наследию таджикского народа.

Особое место в стратегии развития страны занимают вопросы энергетической независимости, продовольственной безопасности и выхода из коммуникационного тупика.

Особое значение День Президента имеет для системы образования и воспитания молодёжи. Образовательные учреждения играют важную роль в формировании гражданской позиции, национального самосознания, патриотизма и уважения к Конституции Республики Таджикистан.

В университетах и других образовательных учреждениях в честь этой даты проводятся научно-практические конференции, круглые столы, тематические лекции, историко-познавательные мероприятия и встречи со специалистами.

Такие мероприятия способствуют расширению знаний студентов об истории независимости, конституционном развитии страны, государственном устройстве и основных направлениях социально-экономической политики.

Воспитание молодого поколения должно основываться не только на уважении к историческому прошлому, но и на стремлении к знаниям, профессиональному совершенствованию, научным исследованиям и созидательному труду.

Именно образованная, инициативная и ответственная молодёжь является важнейшим ресурсом устойчивого развития государства.

За годы независимости Республика Таджикистан расширила географию международного сотрудничества, укрепила дипломатические отношения и стала активным участником региональных и международных процессов.

Одним из заметных направлений внешней политики страны стало продвижение международных инициатив, связанных с обеспечением доступа к водным ресурсам, охраной окружающей среды, изменением климата и устойчивым развитием.

Особую известность получили инициативы Таджикистана в рамках Организации Объединённых Наций, направленные на решение глобальных проблем водных ресурсов и защиту ледников.

Международное сотрудничество, добрососедские отношения, взаимовыгодное партнёрство и участие в международных организациях имеют важное значение для укрепления независимости и повышения авторитета республики.

В этом контексте День Президента становится также поводом для анализа достижений страны на международной арене и определения перспектив дальнейшего сотрудничества.

Пусть День Президента Республики Таджикистан всегда служит напоминанием о ценности мира, независимости, национального единства и созидательного труда во имя процветания родной страны.

Фотима БОБОМУРОДОВА,
студентка 2-го курса факультета учёта и статистики, специальность 1-25010803 - бухгалтерский учёт, анализ и аудит в бюджетных и научных учрежде-

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФЛАГ - СИМВОЛ ГОРДОСТИ НАРОДА

Государственные символы занимают особое место в истории и общественной жизни каждого независимого государства. Они олицетворяют суверенитет страны, её историческое прошлое, национальную самобытность, культурное наследие и стремление народа к достойному будущему. К числу важнейших государственных символов Республики Таджикистан относятся Государственный флаг, Государственный герб и Национальный гимн.



Среди них особое место занимает Государственный флаг, который является наглядным выражением независимости и государственности таджикского народа. Он объединяет поколения, символизирует национальную гордость, историческую память и ответственность граждан за судьбу своей Родины.

Ежегодно 24 ноября в Республике Таджикистан отмечается День Государственного флага. Этот праздник имеет важное историческое, политическое, правовое и воспитательное значение. Он напоминает гражданам о значимости государственной независимости, необходимости сохранения национального единства и уважительного отношения к государственным символам.

После провозглашения государственной независимости Республики Таджикистан 9 сентября 1991 года перед страной возникла необходимость формирования новых государственных институтов и утверждения национальных символов, отражающих суверенитет и самостоятельность государства.

Важнейшим историческим событием этого периода стала XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, состоявшаяся в городе Худжанде в ноябре 1992 года.

Впоследствии 24 ноября стало общенациональной праздничной датой. На основании Закона Республики Таджикистан от 02 августа 2011 года №753 в Закон Республики Таджикистан «О праздничных днях» было внесено соответствующее дополнение, и 24 ноября было объявлено Днём Государственного флага Республики Таджикистан.

С этого времени ежегодное празднование данной даты стало важной традицией общественной и культурной жизни страны.

Самый большой Государственный флаг Республики Таджикистан установлен в центре столицы страны - городе Душанбе, слева от Дворца Нации, на территории Парка Государственного флага. Строительство флагштока Государственного флага Республики Таджикистан началось 24 ноября 2010 года в День Государственного флага Республики Таджикистан. 24 мая 2011 года состоялся технический подъём полотнища флага, а 30 августа 2011 года при участии Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона состоялась официальная торжественная церемония открытия флагштока и поднятия Государственного флага.

В 2011 году флагшток Душанбе высотой 165 метров был признан самым высоким в мире и занесён в Книгу рекордов Гиннесса. Представитель Книги рекордов Гиннесса Дэвид Чемберс вручил соответствующий сертификат Президенту Республики Таджикистан Эмомали Рахмону. Данный мировой рекорд сохранялся до 2014 года, когда в городе Джидда (Саудовская Аравия) был установлен флагшток высотой 171 метр.

Государственный флаг является неотъемлемым атрибутом суверенного государства. Его значение выходит за рамки официальной государственной символики, поскольку он выражает историческую самостоятельность народа, его право на самоопределение и независимое развитие.

Для Республики Таджикистан Государственный флаг стал символом новой исторической эпохи, начавшейся после обретения независимости.

При этом патриотическое воспитание не должно ограничиваться только торжественными мероприятиями. Оно должно проявляться в повседневном отношении молодёжи к учёбе, науке, профессиональной деятельности, общественному труду и соблюдению законов.

Настоящий патриотизм выражается в стремлении получить качественное образование, овладеть современной профессией, развивать отечественную науку, внедрять инновационные технологии и вносить личный вклад в развитие национальной экономики.

Особенно важно формировать у студентов понимание того, что будущее независимого Таджикистана непосредственно связано с уровнем образования, профессиональной подготовкой, инициативностью и гражданской ответственностью молодого поколения.

Государственный флаг в этом контексте выступает символом общей ответственности граждан за будущее страны. Он объединяет историческое наследие народа с современными задачами национального развития.

Под этим флагом формируются новые поколения граждан, которые должны сохранять национальные ценности, уважать историческое наследие и одновременно стремиться к современным достижениям науки, техники и культуры.

День Государственного флага Республики Таджикистан, отмечаемый ежегодно 24 ноября, является важной исторической и общественно значимой датой. Он символизирует государственную независимость, национальное единство, суверенитет и историческую преемственность таджикского народа.

Уважение к Государственному флагу является проявлением уважения к собственной истории, государственности и национальному достоинству.

В современных условиях особую важность приобретает формирование у молодого поколения глубокого понимания значения независимости и государственных символов. Знания, профессионализм, научный потенциал и гражданская ответственность молодёжи должны стать основой дальнейшего развития страны.

Государственный флаг Республики Таджикистан был и остаётся символом единства народа, независимости государства и стремления к достойному будущему.

Пусть Государственный флаг Республики Таджикистан всегда гордо реет как символ мира, согласия, национального единства и процветания нашей любимой Родины!

Зухра БОБОМУРОДОВА,
студентка 2-го курса факультета учёта и статистики, специальность 1-25010803 - бухгалтерский учёт, анализ и аудит в бюджетных и научных учреждениях

ТОҶИКИСТОН БА ҲАЙАТИ ГУРӮҲИ МАШВАРАТИИ БАЗЕЛ ДОХИЛ ШУД

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА ҲАЙАТИ ГУРӮҲИ МАШВАРАТИИ БАЗЕЛ (BASEL CONSULTATIVE GROUP, BCG) ДОХИЛ ГАРДИД.

Тавре ба АМИТ «Ховар» аз Бонки миллии Тоҷикистон хабар доданд, бонки мазкур бо мақсади таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти танзим ва назорати бонкӣ, инчунин истифодаи таҷриба ва стандартҳои пешқадами байналмилалӣ вориди ин гурӯҳ гардид. Дар фаъолияти гурӯҳ намояндагони бонкҳои марказӣ, мақомоти танзим ва назорати бонкӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои минтақавии мақомоти назоратӣ иштирок менамоянд.

Гурӯҳи машваратии Базел майдони ҳамкорӣ байни Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ ва мақоми танзиму назорати бонкии давлатҳои ғайриаъзои кумита буда, ҳадафи он тақвияти муколамаи васеи касбӣ оид ба масъалаҳои муҳими танзим ва назорати бонкӣ мебошад.



Ворид гардидан ба Гурӯҳи машваратии Базел барои густариши ҳамкории байналмилалӣ ва мубодилаи таҷриба имконияти нав фароҳам оварда, ҷиҳати иштирок дар муҳокимаи ташаббусҳои нави Кумитаи Базел ва пешниҳоди мавқеи коршиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тахияи ташаббусҳо заминаи мусоид мегузорад.

Иштироки Бонки миллии Тоҷикистон дар фаъолияти Гурӯҳи машваратии Базел ба такмили минбаъдаи низоми миллии танзим ва назорати бонкӣ, таҳкими устувории низоми бонкӣ ва татбиқи марҳилавии стандартҳои байналмилалии Базел бо назардошти хусусияти низоми молиявии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

ДАР ТОҶИКИСТОН ИСТЕҲСОЛИ БАРҚ АЗ НЕРУГОҲҲОИ ОФТОБӢ БЕШТАР ГАРДИДААСТ

Аз моҳи январ то октябри соли равон дар Тоҷикистон истеҳсоли барқ аз неругоҳҳои офтобӣ беш аз 25,2 баробар афзоиш ёфтааст. Дар ин хусус ба АМИТ «Ховар» аз Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд.

Дар неругоҳҳои барқи офтобии ҷумҳурӣ давоми моҳҳои январ–октябр қариб 20,7 миллион кВт-соат неру истеҳсол карда шудааст. Ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2025 0,8 миллион кВт-соатро ташкил медод.

Панелҳои офтобӣ на танҳо манбаи барқ, балки рамзи рушди устувор, зиндагии сабз ва ояндаи тоза мебошанд. Тоҷикистон бо доштани рӯзҳои зиёди офтобӣ (беш аз 300 рӯз) дар сол бояд бештар ба ин манбаи муҳими энергия рӯ орад.

Ба таъкиди мутахассисон, панелҳои офтобӣ технологияи муосир ва ҷавоби дуруст ба ниёзҳои энергетикӣ, экология ва иқтисодиёти асри XXI мебошанд. Онҳо барои ҳар давлат, хонавода ва ҳатто шахси алоҳида имкони зиндагии устувор, мустақил ва тоза фароҳам меоранд. Панелҳои офтобӣ партов ва садои зиёд надоранд, бинобар ин, муҳити зистро ифлос намекунанд. Онҳо барои ҳайвоноту наботот хатар надошта, бо табиат ҳамоҳанг кор мекунанд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2025 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» воридоти панелҳои офтобӣ ба Тоҷикистон аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод гардид. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ барои истеҳсоли панелҳои офтобӣ ва таҳвили панелҳои офтобии истеҳсоли худӣ дар дохили ҷумҳурӣ воридот ва таҳвили минбаъдаи таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо то 1 январи соли 2031 аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд.

Инчунин тибқи ин қонун масоҳати объектҳои ғайриманқуле, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб гардидаанд, ба муҳлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани онҳо бо андоз аз объектҳои ғайриманқул андозбандӣ карда намешавад.

Дар баробари ин, бо мақсади зиёд намудани иқтидори энергетикии мамлакат ва рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 353 Кодекси андоз, заминҳое, ки дар онҳо таҷҳизоти манбаъҳои барқароршавандаи барқ насб шудаанд, ба муҳлати 5 сол аз санаи ба кор андохтани онҳо аз пардохти андози замин озод карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Шурои миллии рушд 10 июни соли 2024 дар шаҳри Душанбе иброз намуданд, ки «истифодаи васеи сарчашмаҳои алтернативии барқароршавандаи неруи барқ, пеш аз ҳама, неруи офтобӣ, ба хусус дар минтақаҳои деҳот ва кӯҳистон ба дастрасии пурраи аҳолӣ ба неруи барқ, баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи муҳити зист, инчунин ба роҳ мондани технологияҳои муосири «сабз» ва ташкили истеҳсолоти илмталаб мусоидат менамояд».

Сарвари давлат ҳамчунин иброз доштанд, ки «васеъ намудани миқёси насби панелҳои офтобӣ дар иншооти таъйиноти иҷтимоию иқтисодӣ, ба хусус дар деҳот ва ба роҳ мондани технологияҳои офтобӣ дар шабакаҳои гармидиҳӣ низ муҳим мебошад».





ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ГУМРУКИ ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ГАРДИД

Масъалаҳои рушди ҳамкории дучониба, такмили маъмурикунонии гумрукӣ, рақамикунонии равандҳо ва татбиқи технологияҳои муосир дар фаъолияти мақомоти гумрук дар вохӯрии роҳбарияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати намояндагони Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баррасӣ карда шуданд.

Тавре АМИТ «Ховар» бо истинод ба Хадамоти гумрук хабар медиҳад, дар мулоқот оид ба фаъолияти мақомоти гумруки Тоҷикистон, ислоҳоти амалишаванда ва раванди амалӣ намудани технологияҳои рақамӣ маълумот пешниҳод гардид.

Таъкид шуд, ки бо назардошти афзоиши нақши Осиёи Марказӣ дар низоми робитаҳои байналмилалии тиҷоратию нақлиётӣ, самаранокии маъмурикунонии гумрукӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рақобатпазирии иқтисодӣ ҷалби сармоягузорӣ ва рушди иқтидори транзитии минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон барои ташаккули низоми муосир ва шаффофи гумрукӣ якчанд ислоҳот амалӣ гардида, аз ҷумла низоми ASYCUDA World, механизми «Равзанаи ягона», барасмиятдарории электронии гумрукӣ ва пардохтҳои рақамӣ амалӣ карда шудаанд.

Дар вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои навсозии инфрасохтори гумрукӣ ва истифодаи технологияҳои муосири назорат, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, воситаҳои автоматикунонидаи назорат ва низомҳои ҳушманди мониторинги мутамарказро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ин замина зарурати тақвияти ҳамкории байналмилалӣ ва дастгирии ҷониби Амрико дар самти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ, такмили низомҳои иттилоотию таҳлилӣ, инчунин истифодаи имконияти лоиҳаи кумаки техникии «Ширкат барои инфрасохтори ҷаҳонӣ ва сармоягузорӣ – Масири тиҷоратии Транскаспий (PGI/TCTR)» таъкид шуд.

Ҳамзамон омодагии ҷониби Амрико барои идомаи ҳамкорӣ ва баррасии имконияти дастгирии техникӣ ва технологӣ изҳор гардид.

Мусоҳибон барои густариши ҳамкории мутақобили судманд, идомаи муколамаи касбӣ ва ҳамоҳангсозии ташаббусҳои муштарак дар самти татбиқи ислоҳоти соҳаи гумрук изҳори омодагӣ карданд.



ҶАЛАСАИ 22-ЮМИ КУМИТАИ ҲАМОҲАНГСОЗ ОИД БА СОДАГАРДОНИИ РАСМИЁТИ САВДО БАРГУЗОР ГАРДИД

23 ноябр дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи 22-юми Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба содагардонии расмиёти савдо баргузор гардид. Дар ин хусус ба АМИТ «Ховар» аз ин вазорат хабар доданд.

Зимни ҷаласа масъалаҳо оид ба иҷрои муқаррароти протоколҳои ҷаласаҳои қаблӣ, фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи муқаррароти «Созишномаи қолабӣ оид ба содагардонии расмиёти савдои бекоғази наздисарҳадӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором», масъалаҳои мубрами соҳаи нақлиёт ва логистика, инчунин тахияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо»» баррасӣ карда шуданд.

Иброз гардид, ки дар партави дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти содагардонии расмиёти савдо корҳои назаррас амалӣ гардида, вазорату идораҳои дахлдор дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои амалӣ меандешанд. Дар натиҷаи татбиқи пайвастаи дастуру супоришҳои роҳбарияти мамлакат ва ҳадафҳои стратегии давлатӣ Тоҷикистон ба қатори се давлати пешсафи ислоҳотгар дар самти содагардонии расмиёти савдо дохил гардида, мавқеи худро дар таҳкими муҳити мусоиди тиҷоратӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ боз ҳам устувортар намудааст.

Дар ҷаласа байни намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ табодули афкор ва муколамаи созанда доир шуд. Гуфта шуд, ки масъалаҳои матраҳшуда ба татбиқи санадҳои стратегии давлатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷаласа қарорҳои дахлдор қабул карда шуда, барои иҷро ва корбарии минбаъда ба вазорату идораҳои марбута ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд.

АМИТ «Ховар»

МУҲАММАД ШОҲИМАРДОНЗОДА - СОҲИБИ ҶОЙИ СЕЮМИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ



Донишҷӯи курси чоруми ихтисоси идораи давлатӣ ва ҳуқуқи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шоҳимардонзода Муҳаммад Азаматшоҳ дар озмуни ҷумҳуриявии «Идоракунии давлатӣ ва рушди давлатдории миллӣ» аз рӯйи равияи ҳуқуқшиносӣ, дар номинатсияи «Ҳуқуқи конститутсионӣ» сазовори ҷойи сеюм гардид.

Ба муносибати ин дастоварди арзанда ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ғолибро ба ҳузур пазируфта, ӯро самимона табрик намуд. Ректор зимни суҳбат иброз дошт, ки боиси ифтихор аст, ки Шоҳимардонзода Муҳаммад Азаматшоҳ дар як соли охир чандин маротиба дар озмунҳои гуногун соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардидааст. Ҳамзамон, ба донишҷӯ дар роҳи таҳсил, фаъолияти илмӣ ва касбӣ барору комёбиҳои нав орзу кард.

Муҳаммад Азаматшоҳ таҳти роҳбарии мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ Субҳоналӣ Мирзоев дар ҷараёни озмун дониши баланди назариявӣ, қобилияти таҳлилӣ ва омодагии хуби касбӣ нишон дода, дар байни иштирокчиён натиҷаи назаррас ба даст овард. Барои ин дастоварди арзанда ӯ бо диплом ва туҳфаи хотиравӣ қадрдонӣ гардид.

Роҳбарият ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шоҳимардонзода Муҳаммад Азаматшоҳро ба муносибати ин дастоварди шоиста самимона табрик гуфта, дар роҳи омӯзиши илм, фаъолияти таҳқиқотӣ ва рушди минбаъдаи касбӣ барояш муваффақиятҳои нав орзуманданд!

Шуъбаи иттилоот ва нашрия

ҒОЛИБИЯТИ ВАРЗИШГАРОНИ ДДМИТ ДАР МУСОБИҚАИ ҶАҲОНӢ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои рушди варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим, бунёду навсозии иншооти варзишӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷавонону варзишгарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд.

Бо ташаббус ва дастгириҳои пайвастаи Сарвари давлат дар мамлакат барои рушди варзиши касбӣ ва оммавӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Бунёди маҷмааҳои муосири варзишӣ, толорҳои машқу тамрин, майдончаҳои варзишӣ, баргузории мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дастгирии варзишгарони ҷавон аз ҷумлаи иқдомҳои муҳим дар ин самт мебошанд.

Сиёсати созандаи Пешвои миллат ба ҷавонон имконият фароҳам меорад, ки истеъдоду қобилияти худро рушд дода, дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намоянд ва Парчами давлатии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ парафшон созанд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ ҳамчун яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар баробари омода намудани мутахассисони баландихтисос ба тарбияи маънавию ҷисмонӣ, рушди қобилият ва дастгирии ташаббусҳои ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Роҳбарияти донишгоҳ аҳаммияти иштироки донишҷӯёнро дар чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва варзишӣ дарк намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди ҳамаҷонибаи онҳо пайваста талош меварзад. Иштироки бомуваффақияти донишҷӯёни донишгоҳ дар мусобиқаи бонуфузи байналмилалии ҷудо - Abu Dhabi Grand Slam 2026 ва ба даст овардани медалҳои нуқраву биринҷӣ далели равшани ин гуфтаҳост.

Рӯзҳои 29-31 октябри соли 2026 дар маҷмааи варзишии «Mubadala Arena»-и шаҳри Абудабии Аморати Муттаҳидаи Араб мусобиқаи байналмилалии ҷудо баргузор гардид. Дар ин сабқати сатҳи баланд донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон маҳорати баланди варзишӣ, омодагии ҷисмонӣ ва иродаи қавӣ нишон дода, натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд ва боиси ифтихори аҳли донишгоҳу ҷомеаи варзишии кишвар гардиданд.

Донишҷӯи курси якуми факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ Лоиқ Қутбиддинов дар вазни то 60 кг ба даври ниҳоии мусобиқа роҳ ёфта, соҳиби медали нуқра гардид.

Намоиши маҳорати варзишии Лоиқ махсусан қобили таваҷҷуҳ буд. Ӯ дар роҳи расидан ба финал бар чандин рақиби пурқувват ғолиб омада, аз ҷумла намояндагони ИМА ва Исроилро мағлуб намуд. Дар рақобати нимниҳоӣ бошад, бар паҳлавони қазоқ Талғат Орынбасар ҳамагӣ дар 19 сония пирӯзӣ ба даст овард.

Дар рақобати ниҳоӣ Лоиқ бо ҷудочии соҳибтаҷрибаи Озарбойҷон Балабей Ағаев рӯ ба рӯ шуда, сарфи назар аз талошҳои зиёд натавонист ғолиб ояд ва бо медали нуқра сарфароз гардид. Ин натиҷа барои варзишгари ҷавоне, ки ҳанӯз дар курси якум таҳсил мекунад, дастоварди басо арзишманд мебошад.

Донишҷӯи курси чоруми ихтисоси иқтисоди ҷаҳонии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ Искандар Маҳмадхоҷазода дар вазни то 66 кг рақобат намуда, мақоми сеюм ва медали биринҷиро соҳиб гардид.

Искандар низ дар ин мусобиқа маҳорати баланди варзишӣ нишон дода, рақобатро бо пирӯзӣ бар намояндаи Маҷористон Бенсе Мате оғоз намуда, сипас бар ҷудочии бразилӣ Виллиан Лима, барандаи медали нуқраи Бозиҳои олимпии Париж ғалаба ба даст овард.

Дар марҳалаи чорякниҳоӣ ӯ бо намояндаи Қазоқистон Гусман Кыргызбаев рақобат намуда, дар як муҳорибаи пуршиддату тулонӣ пирӯз шуд. Дар идомаи мусобиқа Искандар барои ба даст овардани медали биринҷӣ бар намояндаи Озарбойҷон ғолиб омада, мақоми сеюмро соҳиб гардид.

Муваффақияти Лоиқ Қутбиддинов ва Искандар Маҳмадхоҷазода дар мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam 2026 бозгӯи истеъдоду маҳорати баланди варзишии ҷавонон ва натиҷаи дастгирии пайвастаи онҳо мебошад. Ин дастоварди барои муаррифии шоистаи донишгоҳ ва Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад.

Мо Лоиқ Қутбиддинов ва Искандар Маҳмадхоҷазодаро ба муносибати ин дастоварди арзишманд самимона табрик гуфта, ба онҳо дар таҳсил, фаъолияти варзишӣ ва мусобиқаҳои минбаъда комёбиҳои нав орзумандем.

Бовар дорем, ки ин дастовардҳо оғози муваффақиятҳои боз ҳам бузургтар буда, ҷавонони ватандӯсту соҳибистеъдоди мо минбаъд низ бо Парчами парафшони Тоҷикистон дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ ғолиб омада, обрӯю эътибори кишвари азизамонро боз ҳам баланд мебардоранд.

Наврӯз ҶОБИРЗОДА

80 СОЛИ УМРИ БОБАРАКАТИ АБДУМУХТОР УРУНБОЕВ



Расидан ба остонаи мубораки 80-солагӣ барои ҳар инсон рӯйдоди басо фараҳбахш ва пурифтихор буда, бозгӯйи умри бобаракат, рӯзгори пурмаҳсул, таҷрибаи ғании зиндагӣ, хиради андӯхта ва фаъолияти шоистаи ӯ мебошад. Ба ин муносибат, бо эҳтирому самимияти хоса устоди арҷманд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Урунбоев Абдумухторро самимона табрик намуда, ба эшон беҳтарин таманниёти некро изҳор менамоем.

Урунбоев Абдумухтор дар тули фаъолияти бисёрсолаи меҳнатӣ, илмию омӯзгории хеш дар рушди илми иқтисодӣ, такмили раванди таълиму тарбия, омода намудани мутахассисони соҳибмаърифат ва тарбияи кадрҳои баландихтисос саҳми арзанда ва назаррас гузоштаанд. Зиндагии пуршарафи эшон намунаи ибратест аз садоқат ба касб, масъулиятшиносӣ, заҳмати пайваста ва эҳтиром ба арзишҳои илму маърифат.

Самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии устод, ки асосан ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои муҳими иқтисоди меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, инчунин, равандҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнат равона гардидааст, аз аҳаммияти муҳими назариявию амалӣ бархӯрдор мебошад. Таҳқиқоти илмии эшон дар шинохти амиқтари равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ғанӣ гардонидани донишҳои соҳавӣ ва таҳкими заминаҳои илмии ҳалли масъалаҳои марбут ба иқтисоди меҳнат нақши арзишманд доранд.

Дар баробари фаъолияти илмӣ, устод ҳамчун омӯзгори соҳибтаҷриба ва роҳнамои наслҳои зиёди донишҷӯёну муҳаққиқон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани маърифати иқтисодӣ ва тарбияи ҳисси масъулиятшиносии касбии шогирдон саҳми босазо гузоштаанд. Барои устод омӯзгорӣ рисолати муқаддас, мактаби тарбияи инсонҳои донишманд ва саҳмгузорӣ дар ояндаи ҷомеа махсуб меёбад.

Яке аз хислатҳои барҷастаи устод муносибати некбинонаву самимӣ, хоксорӣ, фарҳанги баланди муошират, масъулияти касбӣ ва таваҷҷуҳи пайваста ба рушди илмӣ ва касбии шогирдон мебошад. Эшон бо дониши амиқ, таҷрибаи ғании педагогӣ, андешаи созанда ва садоқат ба арзишҳои илмӣ дар миёни ҳамкорон, шогирдон ва аҳли илму маориф соҳиби эҳтирому эътибори хос гардидаанд.

Бешак, бузургии ҳар омӯзгор бо шумораи шогирдони тарбиянамуда, андешаҳои ба ҷомеа бахшида ва осори неке, ки аз худ боқӣ мегузорад, арзёбӣ мегардад. Аз ин нигоҳ, мактаби илмӣ ва омӯзгории устод Урунбоев Абдумухтор барои шогирдони эшон мактаби донишомӯзӣ, таҷрибаандӯзӣ, камолоти касбӣ ва тарбияи маънавӣ мебошад.

Устодони соҳибтаҷриба ва соҳибмактаб, ба монанди Урунбоев Абдумухтор, сарвати бебаҳои ҷомеа ва ганҷинаи зиндаи илму маърифат ба шумор мераванд. Дониш, таҷриба, ҷаҳонбинӣ ва сабақҳои зиндагии чунин шахсиятҳо барои наслҳои оянда низ аҳаммияти бузург доранд. Зеро мероси аслии инсон номи нек, фаъолияти пурсамар ва шогирдони шоистае мебошанд, ки роҳи устоди худро идома медиҳанд.

Дар ин рӯзи фархунда ба устоди гиромӣ саломатии бардавом, умри дарози пурбаракат, хотири ҷамъ, қалби саршор аз шодиву сурур, рӯзгори ободу осуда ва саодати ҳамешагӣ орзу менамоем. Бигзор, ҳамеша дар ҳалқаи аҳли оила, пайвандон, ҳамкорони қадрдон ва шогирдони содиқ сарбаланду сарфароз бошанд.

Раёсати ДДМИТ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи донишҷӯии Гулмирзозода Муҳаммад Неъмат, донишҷӯи курси 4 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-9600101 - ҳадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи донишҷӯии Исмоилзода Некрӯз Аҳлиддин, донишҷӯи курси 4 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 125010728 - иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёнаи факултети иқтисод ва идораи давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи донишҷӯии Насиров Умедҷон Шералиевич, донишҷӯи курси 4 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1960101 - ҳадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи донишҷӯии Ҳабибзода Муҳаммад Абдулҳалим, донишҷӯи курси 3 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 125010304 - андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи донишҷӯии Абдуллоев Умедҷон Уралович, донишҷӯи курси 3 шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 126010301 - танзими давлати иқтисодиёти миллии факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи донишҷӯии Шоира Остонақулова, донишҷӯи курси 4 ихтисоси 31030407 - технологияҳои иттилоотии низомҳои молиявии факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии ДДМИТ бинобар гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.